# ҲИСОБОТИ

## Солонаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

*(аз моҳи июни соли 2011- то моҳи июни соли 2012)*

***ш. Душанбе – 2012***

**1. Сарсухан**

**2. Натиҷаҳои бадастомада дар давраи ҳисоботӣ**

2.1. Натиҷаҳо вобаста ба гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ.
2.2. Натиҷаҳо вобаста ба таҳияи маводҳои Шӯрои машваратӣ ва Котибот.
2.3. Натиҷаҳо вобаста ба таҳияи санадҳои қонунгузорӣ.
2.4. Омодагӣ ва доир намудани ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ.
2.5. Омодагӣ ва доир намудани ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ.
2.6. Омодагӣ ба ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ.

**3. Мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва иттилоотонии ҷомеа**

3.1. Мониторинги иҷрои қарорҳо аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ.
3.2. Ҷараёни мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 7-ум, 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ.
3.3. Иттилоотонии ҷомеа.
3.4.Ҷамъоварӣ намудани пешниҳодот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ/ҷараёни филтратсияи мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ.

**4. Ҷараёни интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ**

**5. Ҳамкорӣ бо шарикон**

**6. Мизҳои мудаввар, семинарҳо, форумҳо ва ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳо**

6.1. Мизҳои мудаввар.
6.2. Муаррифиҳо
6.3. Семинарҳо.
6.4. Форумҳо.
6.5. Ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳо.

**7. Дурнамои фаъолияти оянда**

**8. Замимаҳо**

## 1. Сарсухан

Ҳисоботи мазкур бо мақсади пешниҳоди маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (минбаъд «Шӯрои машваратӣ») барои давраи ҳисоботӣ аз моҳи июни соли 2011 то моҳи июни соли 2012 дар самти рушди минбаъдаи муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, идомаи ислоҳоти рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ омода карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ ба самтҳои асосии зерин равона шуда буданд:

- Ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва таҳия намудани маводҳо вобаста ба ҳар як масъалаҳои баррасишаванда.
- Доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ.
- Муайян намудани мавзӯҳои асосӣ оид ба рушди соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ аз ҷониби бахши хусусӣ (ҷараёни филтратсия).
- Иттилоотонии ҷомеа оид ба рафти ислоҳот дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ.
- Гузаронидани ҷараёни интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ.
- Ҳамкорӣ бо шарикон.
- Доир намудани таҳлилҳои иқтисодӣ ҷиҳати муайян намудани проблемаву монеаҳо ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва баррасии онҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ.
- Фаъолиятҳо дар самти ташаккул ва рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ.
- Ташкил, гузаронидан ва иштирок дар мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форуму конфронсҳо. Иштирок дар гурӯҳҳои корӣ.

Қобили қайд аст, ки дар давоми фаъолияти пурсамари худ бо ташаббуси Шӯро дар якчанд самтҳои афзалиятнок ислоҳот доир гардида, дар ин замина, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ таккони ҷиддӣ бахшидаанд, аз ҷумла:

- ***Соддагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ:***
  - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»;
  - Ба роҳ мондани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тибқи низоми «Равзанаи ягона».
- ***Ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон:***
  - Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи муфлисшавӣ».
- ***Соддагардонии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ:***
  - Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар

бораи эълон намудани мораторияи ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкории соҳаи истеҳсолӣ».

- ***Ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ:***
  - Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»;
  - Қоидаҳои аз нав дида баромадани санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дастрас намудани иҷозатҳоро ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.
- ***Ислоҳоти низоми андозбандӣ:***
  - Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав;
  - Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбати аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани амалиётҳои лизингӣ.
- ***Ташкили низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарики давлат ва бахши хусусӣ:***
  - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»;
- ***Рушди соҳаҳои алоҳида:***
  - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»;
  - Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба такмил додани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
  - Барномаи давлатии пурзӯр намудани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2011-2012;
  - Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014;
  - Барномаи «Беҳбудии фазои соҳибкорӣ – 200 рӯзи ислоҳот»;
  - Накшаи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ;
  - Нақшаи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ.

## 2. Натиҷаҳои бадастомада дар давраи ҳисоботӣ

### *2.1. Натиҷаҳо вобаста ба тикил ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ.*

- дар таърихи 8 ноябри соли 2011 ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ гузаронида шуд;
- дар таърихи 10 апрели соли 2012 ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ гузаронида шуд;
- қарорҳои протоколии ҷаласаҳои 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ таҳия карда шуданд;
- дар асоси қарорҳои протоколии ҷаласаҳои 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ, қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардиданд;
- лоиҳаи рӯзномаи корӣ, маводҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои доир намудани ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ омода карда шуданд;
- мониторинги иҷрои қарорҳои қаблан қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ доир карда шуда, натиҷаҳои он пешниҳод карда шуд;
- ҷалби бахши хусусӣ дар ҷараёни қабули қарорҳои давлатӣ оид ба рушди бахши хусусӣ устувор карда шуд;
- ҷараёни иваз намудани (ротатсияи) узви Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, сармоягузорони хориҷӣ ва шарикони рушд гузаронида шуд;
- мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – омили таъмини муколамаи кушоди байни давлат ва бахши хусусӣ» бо ҷалби намояндагони бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, шарикони рушд ва Котиботи Шӯрои машваратӣ гузаронида шуда, дар он натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он барои давраи гузашта муаррифӣ карда шуд;
- ширкати фаъол дар таъсис ва фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатӣ ва ҳимояи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», «Дар бораи истифодаи қаъри замин», «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра таъмин карда шуданд;
- ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, инчунин ба лоиҳаҳои «Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020» ва «Барномаи ҷолибгардонии истифодаи қаъри замин» таклифу пешниҳодот таҳия карда шуданд;
- дар таҳия ва баррасии лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ ширкати фаъол намуда, аз ҷумла лоиҳаи Кодекси зикргардида дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав шунида шуд;
- якҷо бо намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мониторинги татбиқи Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №469 тасдиқ карда шудааст, гузаронида шуд.

### *2.2. Натиҷаҳо вобаста ба таҳияи маводҳои Шӯрои машваратӣ ва Котибот*

**Дар давраи ҳисоботӣ ҳуҷҷатҳо ва маводҳои зерин таҳия карда шуданд:**

- Ҳисоботи солонаи (аз моҳи июни соли 2010 – то моҳи июни соли 2011) Котиботи Шӯрои машваратӣ.
- Лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар маводҳои зарурӣ барои ҷаласаҳои 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ.
- Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳо ва маводҳои ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ.
- Маводҳои иттилоотӣ ва муаррифномаҳо барои мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – омили таъмини муколамаи кушоди байни давлат ва бахши хусусӣ».
- Муаррифномаҳо оид ба Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, натиҷаҳои бадастомада ва стратегияи фаъолияти минбаъда: «Мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, натиҷаҳои бадастомада ва навоварӣ дар фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ», «Ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои корӣ», «Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон».
- Такмил додани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №489 аз 1 октябри соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи техникаи кишоварзие, ки ҳангоми ворид нмудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд», лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.
- Лоиҳаи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои давраи миёнамӯҳлат.

### *2.3. Натиҷаҳо вобаста ба таҳияи санадҳои қонунгузорӣ.*

**Бо иштироки мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ санадҳои қонунгузории зерин таҳия ва такмил дода шуданд:**

- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» такмил дода шуда, қабул гардид.
- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таҳия ва қабул карда шуд.
- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» таҳия карда шуд.
- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави амволи манқул» дар ҳоли такмил қарор дорад.

- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки масъалаҳои лизингро ҳамоҳанг менамоянд, такмил дода шуда, қабул гардид.
- Маводҳои зарурӣ оид ба масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизоти технологие, ки тавассути лизинг ворид карда мешаванд ва рушди бозори хизматрасониҳои лизингӣ омода карда шуда, ба Раиси Шӯрои машваратӣ ва Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуданд.
- Ҷараёни филтратсияи мавзӯҳое, ки аз ҷониби бахши хусусӣ барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ пешниҳод шуда буданд, гузаронида шуд. Вобаста ба масъалаҳои пешниҳодшуда таҳлилҳои хурд доир карда шуданд.

### *2.4. Омодагӣ ва доир намудани ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ*

Бо мақсади таҳияи маводҳои зарурӣ ва доир намудани ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ чорабиниҳои зерин амалӣ карда шуданд:

- якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳлили пешниҳодот ва тавсияҳои шарикон оид ба беҳтар намудани шароити пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, оид ба мукаммал намудани заминаи ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳими фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ гузаронида шуд;
- мониторинги иҷрои қарорҳои қаблан қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба шакли матн ва ҷадвал ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуд;
- корҳои мушаххас вобаста ба омода ва доир намудани маҷлиси байниҷаласавӣ дар назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои карорҳои Шӯрои машваратӣ амалӣ карда шуданд;
- маводҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Раиси Шӯрои машваратӣ ва Котиби масъули Шӯро барои доир намудани ҷаласа таҳия карда шуданд;
- бо шарикони рушди Тоҷикистон вобаста ба дастгирии техникии доир намудани ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ вохуриҳои корӣ гузаронида шуданд;
- якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ як қатор вохӯриҳо бо намояндагони бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ бо дастгирии техникии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ оид ба масъалаи доир намудани таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» гузаронида шуд;
- вохӯриву мулоқотҳо бо намояндагони Ассосиатсияи «МИДАТ» ва Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон оид ба масъалаи такмили «Таҳлили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи расидан ба амнияти озуқаворӣ» бо дастгирии Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ гузаронида шуданд;
- бо аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ ва шарикони рушд вобаста ба баромадҳои онҳо аз рӯи масъалаҳои бандҳои рӯзномаи ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ ва пешниҳодот ба ҷаласаи 9-уми Шӯро вохӯриҳо доир карда шуданд;
- вохӯриҳои алоҳида бо шарикон (вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва лоиҳаҳои шарикони рушд) бо мақсади мубодилаи иттилоот вобаста ба ҷаласаҳои 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ доир карда шуданд;

- бо намояндагони тими тадқиқоти «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ вохӯриву мулоқотҳо доир карда шуданд. Дар вохӯриҳо масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тадқиқоти «Пешбурди соҳибкорӣ» ва баррасӣ намудани онҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ муҳокима карда шуданд;
- мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар фаъолияти гурӯҳи корӣ бо дастгирии тими тадқиқоти «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ аз рӯи нишондиҳандаи «Дастрасӣ ба қарз» ва таҳияи тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави амволи манқул» ширкат намуданд;
- бо намояндагони бахши хусусӣ, сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд оид ба ворид намудани масъалаи баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав ва Низомнома оид ба санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ вохӯриҳо гузаронида шуданд;
- чорабиниҳои қаблӣ ва вохӯриҳо бо намояндагони бахши хусусӣ оид ба масъалаи интихоб намудани аъзои Шӯрои машваратӣ ва пешниҳоди онҳо ба ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ гузаронида шуданд;
- бо намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизоти технологии тавассути лизинг воридшаванда вохӯрӣ гузаронида шуд.

***Дар таърихи 8 ноябри соли 2011 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи ҳаштуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ доир гардид.***

Дар кори ҷаласа, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби М. Давлатов, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби М. Алимардон, мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ – ҷаноби Н. Буриев, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби масъули Шӯрои машваратӣ – ҷаноби Д. Саидов, мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ – хонум М. Маҳкамова, Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷаноби Қ. Қосимов, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - ҷаноби Ш. Раҳимзода, Раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби М. Зокиров, муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷаноби Ш. Раҳматбоев, мудири шӯъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва инвеститсияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби О. Сангов, мудири шӯъбаи молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби О. Ҷабборов, мудири шӯъбаи кишоварзӣ ва истифодаи замини Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби Ҷ. Пириев, муовини мудири шӯъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва инвеститсияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – хонум Н. Абдуллоева, сармутахасиси шӯъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва инвеститсияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби Ф. Ҳаёхоҷаев ва шахсони дигари масъул ширкат намуданд.

**Аз ҷониби бахши хусусӣ (аъзои Шӯро):**

Роҳбари Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон – ҷаноби Ф. Раҷабов, Раиси Фонди ҷамъиятии «Интернет» - ҷаноби Р. Қосимов, Роҳбари Ассосиатсияи соҳибкорон ва содироткунандагони Тоҷикистон – ҷаноби Н. Забиров, Роҳбари

Ассосиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон – хонум Г. Маҳкамова, шахсони даъватшуда: директори кулли ҶДММ “Помир Энерҷӣ – ҷаноби Д. Ҷумаев, Роҳбари Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон дар вилояти Хатлон – ҷаноби И. Неъматов ва дигарон.

Аз ҷониби шӯрои донорҳо (аъзои Шӯро): Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон – ҷаноби Улф Ҳиндстром, муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари ҳамкориҳои Швейсария дар Тоҷикистон – ҷаноби Николас Гюгас, шахсони даъватшуда: ноиби Президенти Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Шиаою Жао, муовини директори генералии Департаменти Осиёи Марказӣ ва Ғарбии Бонки Осиёии Рушд – ҷаноби Шон О’Салливан, Мушовири калони Президенти Бонки Осиёии Рушд – ҷаноби Хао Жанг, Намояндаи доимии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон – ҷаноби Ҷоҷӣ Токешӣ, Мушовири калони Президенти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд – ҷаноби Ҷомарт Оторбаев, муовини Роҳбари Намояндагии Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон – хонум Захира Вирани, Намояндаи Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон – хонум Марша Олив, Сафир, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби Эдуард Ауер, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ – ҷаноби Кристофер Миллер, муовини Роҳбари Намояндагии Агентии ИМА оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ - ҷаноби Кевин Дин, Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Штефан Эрбер ва дигарон ширкат намуданд.

***Рӯзномаи ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ:***

1. Ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ».
3. Тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи комёб гаштан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Баррасии яке аз масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи кории ҷаласаи нӯҳуми Шӯрои машваратӣ.

Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи VIII-уми Шӯрои машваратиро оғоз намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки солҳои истиқлолияти мамлакат бо шарофати сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорони кишвар як қатор иншоотҳои ҳаётан муҳим аз қабили корхонаҳои саноатӣ, қасрҳои варзишӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти аҳамияти иқтисодию иҷтимоидошта сохта, мавриди истифодаи мардум қарор дода шуд. Меҳнати пурсамари намояндагони бахши хусусии мамлакат аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, як қатор намояндагони соҳибкорони мамлакат ба ифтихори 20-умин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон бо нишону ифтихорномаҳои давлатӣ, қадрдонӣ карда шуданд. Ҳамзамон, Сарвари давлат қайд намуданд, ки баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз равандҳои афзалиятноки таъминкунандаи рушди иқтисодии кишвар, бо инобати таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва афзудани иқтидори содиротӣ, боқӣ мемонад.

Дар ин радиф, татбиқи пурра ва саривақтии қарорҳои Шӯро яке аз самтҳои асосии фаъолияти аъзоёни Шӯрои машваратӣ, мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти нуқтаҳои зикргардида, оид ба масъалаи якум гузориши Котиби масъули Шӯро – ҷаноби Саидов Д.Ш. шунида шуд, ки ӯ дар баромадаш нисбати иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои шашум ва ҳафтуми Шӯро ахбороти муфассал манзур намуд. Аз ҷумла қайд гардид, ки қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар маҷмӯъ татбиқ карда шуда бошанд ҳам, то ҳол баъзе масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли мусбии худро пайдо накардаанд.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Президенти мамлакат ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиби масъули Шӯрои машваратӣ супориш дода шуд, ки масъалаи ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро таҳти назорати ҷиддӣ гирифта шуда, дар вазорату идораҳои масъул, мунтазам мониторинги ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро гузаронида шавад. Натиҷаҳои мониторинг дар назди Сарвазири мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои пурраю саривақтии қарорҳои Шӯро таъмин карда шавад.

Оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ, Роҳбари Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон – ҷаноби Ф. Раҷабов суханронӣ намуд. Дар суханронии худ ӯ қайд намуд, ки бо мақсади иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ, аз ҷониби аъзои Шӯро аз ҳисоби бахши хусусӣ оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, қарорҳои Шӯро ва татбиқи онҳо ҳамчун натиҷаҳои ислоҳоти доиргардидаистода корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд.

Инчунин, ҷаноби Ф. Раҷабов қайд намуд, ки лоиҳаи "Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2014", ки дар ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва барои рушди яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди ҷумҳурӣ равона карда шудааст.

Дар ҷаласа оид ба иштироки намояндагони бахши хусусӣ дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ", "Дар бораи рушди соҳибкории хурду миёна, "Дар бораи истифодаи қаъри замин", инчунин лоиҳаҳои "Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020" ва "Барномаи ҷолибгардонии соҳаи истифодаи қаъри замин" маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Дар хотимаи баромади худ ҷаноби Ф. Раҷабов ҳавасмандии худро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд намуда, пешниҳод кард, ки низоми ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ вобаста ба такрор нагардидани самтҳои ҳамкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои грантӣ ташкил карда шавад.

Сипас, аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалии дуҷониба, муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари ҳамкориҳои Шветсария дар Тоҷикистон ҷаноби Николас Гюгас баромад намуд. Дар баромадаш ӯ аз номи ҳамаи шарикони рушд қабули қарорро оид ба гузаронидани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ доир карда мешавад, баҳои баланд дод.

Илова ба ин, ҷаноби Н. Гюгас ҳавасмандии шарикони рушдро барои иштирок дар таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қайд намуда, иброз дошт, ки қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав барои рушди бахши хусусӣ ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Инчунин, дар ҷаласа Намояндаи доимии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон ҷаноби Ҷоҷӣ Токешӣ баромад намуда, ба аҳамияти хоса доштани фаъолияти Шӯрои машваратӣ барои ҷорӣ гардидани низоми самараноки муколамаи давлат ва бахши хусусӣ махсусан қайд намуд. Аз ҷониби худ ӯ омодагии Бонки Осиёии Рушдро ҷиҳати идома бахшидани ҳамкориҳои минбаъдаи Бонки Осиёии Рушд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ иброз намуд.

Масъалаҳои банди якуми рӯзномаи ҷаласаро ҷамъбаст намуда, Президенти мамлакат ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ супориш доданд, ки масъалаи назорати ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро пурзӯр карда шуда, натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳо дар назди Сарвазири мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа Роҳбари Иттифоқи соҳибкорон ва содироткунандагони Тоҷикистон ҷаноби Н. Забиров баромад намуд. Дар баромади худ ӯ натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ муаррифӣ намуд, ки бо мақсади таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» омода карда шудааст.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ лоиҳаҳо дар заминаи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ бомуваффақият татбиқ шуда истодаанд. Лоиҳаҳои сохтмони терминалҳои нави фурудгоҳҳои шаҳрҳои Хуҷанду Хоруғ, ҶСШК “Помир Энерҷӣ” ва лоиҳаи истихроҷ ва коркарди кони нуқраи “Кони Мансури Калон” ба сифати мисол оварда шуданд.

Дар хотимаи суханронии худ ҷаноби Н. Забиров бори дигар муҳимияти таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва баррасӣ намудани онро дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ дар нимаи аввали соли 2012 қайд намуд.

Инчунин ҷиҳати дастгирии таҳияи лоиҳаи қонуни зикргардида директори кулли ҶСШК “Помир Энерҷӣ” – ҷаноби Д. Ҷумаев ва Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон – ҷаноби К. Миллер баромад намуданд.

Дар баромади худ ҷаноби Д. Ҷумаев фаъолияти ҶСШК “Помир Энерҷӣ”-ро яке аз мисолҳои татбиқи бомуваффақияти механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ намуд.

Оид ба банди сеюми рӯзномаи ҷаласа Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Қ. Қосимов баромад намуд. Дар баромадаш ӯ қайд намуд, ки новобаста аз пешравиҳо дар соҳаи кишоварзӣ, то ҳол деҳқонон бо баъзе мушкилиҳо аз қабили нокифоягии воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо, тухмиҳои баландсифат, техникаи муосир ва қисмҳои эҳтиётии он, ҳолати бади мелиоративии заминҳо ва дигар проблемаҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки барои рушди соҳа монеа эҷод менамоянд. Дар хотимаи баромади худ ҷаноби Қ. Қосимов оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Тоҷикистон ҷиҳати аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти воситаҳои

кимиёвии ҳифзи растаниҳо, тухмиҳои баландсифат, нуриҳои минералӣ ва органикӣ таклифҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Барои дастгирии пешниҳодоти зикргардида Роҳбари Ассотсиатсияи агробизнеси Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҷаноби И. Неъматов баромад намуда, ба ҳозирин натиҷаҳои таҳлилро оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи расидан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуд. Таҳлили зикргардида аз ҷониби Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон таҳия гардида, вазъи имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ ва асосҳои ҳуқуқиву иқтисодии озод намудани воридоти нуриҳои минералӣ, тухмӣ ва заҳрхимикатҳоро аз андоз аз арзиши иловашуда инъикос намудаст.

Пешниҳодоти зикргардида аз ҷониби Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷаноби Штефан Эрбер низ дастгирӣ карда шуд. Дар баромадаш ӯ таҷрибаи мусбии кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистонро мисол овард, ки барои воридоти воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ имтиёзҳои андозӣ муқаррар намудаанд ва ин иқдом барои минбаъд рушду нумӯъ намудани соҳаи кишоварзии ин мамлакатҳо мусоидат намудааст.

Сипас, директори Фонди ҷамъиятии “Интернет” ҷаноби Р. Қосимов ва ноиби Президенти Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Шиаоюю Жао баромад намуда, фикру андешаҳои худро оид ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа иброз доштанд ва як қатор таклифу пешниҳодот манзур намуданд.

Аз ҷумла ҷаноби Р. Қосимов дар баромади худ оид ба масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҷҳизоти технологие, ки тавассути лизинг ворид ё хариду фурӯш карда мешаванд, махсус қайд намуд.

Тибқи иттилои ӯ таҳти роҳбарии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии шарикони рушд гурӯҳи корӣ фаъолият намуда, лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Тоҷикистон таҳия карда шуданд. Лоиҳаҳои мазкур аз ҷониби вазорату идораҳои марбута дастгирӣ ёфта, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Дар баромади худ ҷаноби Шиаоюю Жао аз ҷумла қайд намуд, ки барои рушду густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ, бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ Фонд ё Маркази сармоягузорӣ таъсис дода шуда, лоиҳаҳои дар ин доира амалишаванда аз ҷониби ин мақомот сармоягузорӣ карда шаванд. Ҳамчунин ӯ таъкид намуд, ки хоҷагиҳои кишоварзие, ки аз камбуди воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла, нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо, тухмиҳои хушсифат, техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо танқисӣ мекашанд, бояд аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таклифҳои аз ҷониби Шиаоюю Жао пешниҳодгардидаро дастгирӣ намуда, қайд намуданд, ки Бонки Осиёи Рушд ва дигар шарикони рушд Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани қариб 70 ҳазор гектар замин, ки айни ҳол дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор доранд, дастгирӣ намоянд. Зеро ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо барои рушди бахши воқеии иқтисодиёт, таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъсиси зиёда аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ, мусоидат хоҳад намуд.

Аз рӯи масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро – ҷаноби Саидов Д.Ш. баромад намуда, нисбат ба яке аз масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи нӯҳуми Шӯрои машваратӣ дар мавзӯи таҳияи лоиҳаи «Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ», ахборот дод.

Аз ҷумла қайд гардид, ки мониторинг ва таҳлили санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани варақаи санҷишӣ ва системаи муайян намудани дараҷаи хатарҳо, имконият медиҳанд, ки сарбории буҷети давлатӣ коҳиш ёфта, маблағҳои буҷавӣ ба таври мақсаднок истифода бурда шаванд ё худ амали мақомотҳои санҷишӣ барои доир намудани чорабиниҳои профилактикӣ ва пешгирикунанда равона карда шавад. Дар ин замина, таҳияи лоиҳаи «Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ» мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Президенти мамлакат супориш дода шуд, ки бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, Котиботи Шӯро ва бо дастгирии шарикони рушд лоиҳаи «Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ» таҳия карда шуда, ба баррасии ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шавад.

Дар суханронии ҷамъбастии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида баён намуда, як қатор таклифу пешниҳодот манзур намуданд. Махсусан қайд карда шуд, ки мақомоти давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматии худ аз қолабҳои кӯҳна баромада, барои доир намудани ислоҳот кӯшиш намоянд, ки ба ҷорӣ намудани навовариҳо ва беҳтар гардидани низоми кории мақомоти марбутаи давлатӣ мусоидат менамояд. Аз ҷониби Президенти мамлакат супориш дода шуд, ки ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ роҳбарони бахши иқтисодии Ҳукумати ҷумҳурӣ даъват карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳодоти иштирокчиёни ҷаласаро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дастгирӣ намуданд. Аз ҷумла, таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ", рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ дар роҳи комёб гаштан ба амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ тавассути соддатар намудани расмиёти амалиётҳои лизингӣ, инчунин қарорҳои қаблан қабулнамуда дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ зарур шуморида шуданд.

Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ таклифҳои аз ҷониби бахши хусусӣ ва шарикони рушд пешниҳодгардидаро қабул намуда, як қатор дастуру супоришҳо доданд, ки дар қарорҳои протоколии ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ инъикос карда шудааст.

Дар суханронии ҷамъбастии худ Президенти ҷумҳурӣ ба ҳамаи аъзоёни Шӯрои машваратӣ ва меҳмонони даъватшуда барои меҳнати пурмаҳсул ва таваҷҷӯҳи доимиашон ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол изҳори миннатдорӣ намуданд.

## Супоришҳои протоколии ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳти назорат гирифта, дар байни ҷаласаҳои Шӯро, маҷлисҳои байниҷаласавӣ дар назди Сарвазири мамлакат нисбати масъалаи мазкур мунтазам доир намояд ва иҷрои пурраю саривақтии қарорҳои Шӯро таъмин карда шавад.
2. Вазорату идораҳои марбута иҷрои пурра, саривақтӣ ва босифати қарорҳои Шӯроро таъмин намоянд.

3. Шӯъбаҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонунҳои аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозбандии амалиётҳои лизингӣ пешниҳодгардидаро ба баррасии ҷаласаи навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд.
4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд:

- лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи истифодаи қаъри замин», лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ»-ро таҳия намуда, ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоянд;
- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намуда, натиҷаҳои онро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ манзур намоянд;

5. Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз ахбороти муфассал пешниҳод намояд.
6. Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таҳлилҳои амиқ гузаронида, барои осон намудани мушкилоти соҳибкорон ва баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ чораҳои муассир андешиданд ва дар ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ ҳисоботи муфассал пешниҳод намоянд.
7. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба таври фаврӣ масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифатро омӯхта, лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқиро тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
- якҷоя бо вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сармоягузорон барои ба роҳ мондани технологияҳои муосири кишоварзӣ, аз ҷумла технологияҳои каммасрафи таъмини об, тухмиҳои хушсифат, нигаҳдории хуби замин ва ҳолати мелиоративии он ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ чораҳои мушаххас андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд.

8. Вазоратҳои мелиоратсия ва захираҳои об, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо барои гирифтани пеши роҳи партовшавии заминҳои корам чорабиниҳои мушаххас андешида, ҷиҳати таъмини сифати корҳои сохтмонӣ ва барқарорсозии иншоотҳои ирригатсионӣ, тибқи лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда чораҳои муассир андешанд ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намоянд.
9. Вазорати молия, Бонки миллӣ ва дигар сохторҳои марбута, ҷиҳати ҳалли мушкилоти дастрас намудани қарзҳои дарозмуддат барои рушди соҳаи кишоварзӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас манзур намоянд.
10. Иштироки роҳбарони аввали вазорату идораҳои бахши иқтисодии ҷумҳурӣ ба ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ таъмин карда шавад.

### 2.5. *Омодагӣ ба ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ*

Дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ корҳои зерин анҷом дода шуданд:

- бо аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ вобаста ба рӯзномаи ҷаласаҳои 9-ум ва 10-уми Шӯрои машваратӣ машваратҳо гузаронида шуданд;
- бо шарикон (бахши хусусӣ, вазорату идораҳо, шарикони рушд) оид ба масъалаҳои мубодилаи иттилоот вобаста ба омодагӣ ба ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ ва мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ вохӯриҳои алоҳида гузаронида шуданд;
- якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вохӯриҳо ҷиҳати баррасии лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав гузаронида шуда, ба лоиҳа таклифу пешниҳодот таҳия карда шуданд;
- ба намояндагони бахши хусусӣ ҷиҳати пешниҳод намудани тавсияҳояшон ба лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав муроҷиат карда шуд. Минбаъд пешниҳодоти бахши хусусӣ ҷамъбаст гардида, ба Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ирсол карда шуданд;
- мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” мунтазам ширкат намуданд;
- ба лоиҳаҳои “Барномаи давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020” ва «Барномаи беҳтаргардонии ҷолибнокии сармоягузории соҳаи истифодаи қаъри замин» хулосаҳо таҳия карда шуданд;
- бо мақсади татбиқи қарорҳои протоколии ҷаласаҳои 7-ум ва 8-уми Шӯрои машваратӣ ва самаранок намудани фаъолияти гурӯҳҳои кории дар боло қайдгардида бо намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ ва шарикони рушд вохӯриҳои корӣ гузаронида шуданд;
- оид ба иваз намудани аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ ва шарикони рушд чорабиниҳо доир карда шуданд;
- ҷараёни ҷамъоварӣ ва интихоби мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ (ҷараёни филтратсия) гузаронида шуд;
- оид ба масъалаҳое, ки аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ ва созмонҳои соҳибкорӣ барои баррасӣ дар ҷаласаҳои 9-ум ва 10-уми Шӯрои машваратӣ вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод гардида буданд, таҳлилҳо гузаронида шуданд;
- машваратҳо бо намояндаи Котиботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Хатлон доир карда шуданд;
- мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ дар вазорату идораҳои марбута гузаронида шуданд;
- маводҳои зарурӣ барои доир намудани маҷлиси байниҷаласавӣ дар назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ омода карда шуданд;
- маводҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Раиси Шӯрои машваратӣ ва Котиби масъули Шӯрои машваратӣ барои доир намудани ҷаласа таҳия карда шуданд;

- дигар маводҳои зарурӣ омода карда шуда, корҳои ташкилии доир намудани ҷаласа мунтазам таҳти назорат қарор дода шуданд.

***Дар таърихи 10 апрели соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи нӯҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ доир гардид.***

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав.
3. Ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон.
4. Пешниҳоди масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи кории ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ.

Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратиро оғоз намуда, Роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиев Завқиҷон ва аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ Акбаров Фарҳодҷон - Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Ҷумаев Далер - Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Помир Энерҷӣ», Тюряева Маъсуда - Роҳбари Иттифоқи ассосиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ Ругин Геннадий - Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «НБО Сангтуда-1»-ро ба ҳозирин муаррифӣ намуданд.

Оид ба масъалаи якум гузориши Котиби масъули Шӯрои машваратӣ – ҷаноби Саидов Д.Ш. шунида шуд, ки ӯ дар баромадаш нисбати иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои ҳафтум ва ҳаштуми Шӯро ахбороти муфассал манзур намуд. Қайд гардид, ки қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар маҷмӯъ татбиқ шудааст. Аз ҷумла, нисбати аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани амалиётҳои лизингӣ дар ҷумҳурӣ, бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъқул دониста шуда, аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Ҳамзамон ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи истифодаи қаъри замин» ва лоиҳаи «Барномаи беҳтаргардонии ҷолибнокии сармоягузории соҳаи истифодаи қаъри замин» дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ гурӯҳҳои корӣ фаъолият намуда истодаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар ҷаласа мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав буд. Вобаста ба масъалаи мазкур, ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, Вазири молияи

ҷумҳурӣ ҷаноби Наҷмуддинов С.М. шунида шуд. Ӯ аз ҷумла қайд намуд, ки барои таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар назди Вазорати молия гурӯҳи корӣ аз ҳисоби вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ фаъолият намуда, лоиҳаи Кодекси андоз ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар музокирот вобаста ба масъалаи мазкур намояндагони бахши хусусӣ Роҳбари Иттифоқи соҳибкорон ва содироткунандагон – ҷаноби Забиров Н. ва директори кулли ҶДММ “Ёқут-2000” ҷаноби Қодиров А. баромад намуда, изҳори нигаронӣ карданд, ки таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, аз ҷумла оид ба содда ва оммафаҳм намудани лоиҳаи Кодекс, паст кардани меъёри андозҳо ва бекор кардани баъзе намудҳои онҳо ва дигар пешниҳодот дар лоиҳаи Кодекси андоз ба таври зарурӣ ба инобат гирифта нашудаанд.

Ҳамчунин аз назари соҳибкорон дар лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз масъалаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор низ ба таври шаффоф инъикос нагардида, ба кормандони мақомоти андоз ҳуқуқҳои аз ҳад зиёд пешниҳод шудааст. Дар ин замина, яке аз зуҳуроти манфие, ки дар ҷомеаи мо вуҷуд дорад, фасод мебошад ва мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки ҷиҳати аз байн бурдани фасод мусоидат намоянд.

Вобаста ба ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки мақсади асосии Кодекси андоз албатта фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат мебошад. Ҳарчанд дар лоиҳаи нави Кодекс кам гардидани шумораи умумии андозҳо ба назар гирифта шуда бошад ҳам, вале аз назари бахши хусусӣ дар маҷмӯъ лоиҳаи Кодекси пешниҳодшуда барои андозсупорандагон мураккаб боқӣ мондааст, ки ин ба ҳадафҳои ислоҳоти пешниҳодгардида ҷавобгӯ нест.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ таъкид гардид, ки воридшавии маблағҳоро ба буҷети давлатӣ на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, яъне соҳибкорон, васеъ кардани сарчашмаҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ, таъмини сатҳи баланди иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ зиёд кардан лозим аст. Мувофиқан коҳиш додани хароҷоти чорабиниҳои каммаҳсул дар буҷети давлатӣ низ ба манфиати кор аст. Инчунин зарур аст, ки манбаҳои пӯшонидани қисми эҳтимолии камомади буҷети давлатӣ бинобар сабаби амалӣ намудани ислоҳоти низоми андозбандӣ муайян карда шаванд.

Вобаста ба ин, Кодекси нави андоз бояд фишанги муосири ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии бахши воқеии иқтисодиётро дар худ таҷассум намояд. Дар як вақт, низоми андозбандӣ бояд чунин ба роҳ монда шавад, ки аз як тараф давлат ва ҷомеаро бо захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз ҷониби дигар ташаббусҳои фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд намояд.

Аз ин рӯ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз дар таҳрири нав боназардошти фикру мулоҳизаҳои намояндагони бахши хусусӣ, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон такмил дода шавад.

Инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.

Дар рафти ҷаласа қайд гардид, ки имрӯзҳо ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ тақвият бахшида шуда, дар ин замина дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис дода шудаанд.

Вобаста ба ин, дар ҷаласа гузориши Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон ҷаноби Ғайбулло Афзалов оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ шунида шуд. Ӯ дар баромадаш аз ҷумла қайд намуд, ки солҳои охир барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоят таъсис дода шуда, дар соли 2011 се ҷаласаи он гузаронида шуд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда истодааст. Дар соли 2011 дар қаламрави вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ қариб 50 корхонаи нави саноатӣ бунёд гардид. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди истифодаи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондааст. Ҳалли мушкилоте, ки имрӯз дар вилоят барои рушди фаъолнокии иқтисодӣ монеа эҷод менамоянд, бояд вазифаи аввалиндараҷаи Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят гардад.

Дар интиҳои ҷаласа, суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шунида шуда, ба масъулин ва вазорату идораҳои марбута супоришҳои дахлдор дода шуд.

**Супоришҳои**
**протоколии ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалиро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.
   Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.
2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва

бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида натиҷаи онро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд.

3. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратиро таҳти назорати доимӣ гирифта, мониторинги иҷрои қарорҳо ва дар ҳолати зарурат натиҷагирии онро дар назди Сарвазири мамлакат давом диҳад.
4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар қаламрави вилоят хусусан минтақаҳои дурдасту кӯҳии он, дар соҳаҳои саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот, коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, саноати коркарди гӯшту шир, бахши сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт нақша-чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, афзоиши назарраси таъсиси корхонаҳои саноатиро дар вилоят таъмин намояд.
5. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон вазъи кунунии минтақаҳои озоди иқтисодиии «Панҷ» ва «Данғара»-ро пурра таҳлил намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо, аз ҷумла рушди савдои байнисарҳадӣ чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шашмоҳа ахборот диҳад.
6. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута, соҳибкорон, муассисаҳои таълимоти касбӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани иқтидори касбии соҳибкорон, таъсиси марказҳои бозомӯзии соҳибкорон ва таъмини фаъолияти самараноки онҳо чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳар шашмоҳа ахборот манзур намоянд.
7. Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд масъалаҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишавандаро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамоҳанг намоянд.
8. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ва ҷараёни иҷрои онҳоро тавассути васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос намояд.
9. Аъзоёни Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолияти пурсамар намуда, ба соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд ва аз натиҷааш дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахборот пешниҳод намоянд.
10. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахбороти Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд пешниҳод карда шавад.

11. Ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои хурдро бо фоизҳои паст ба занҳои соҳибкор зиёд намоянд.
12. Номзадии Завқиев Завқиҷон ба вазифаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз рӯзи расман ба кор оғоз карданаш, яъне 21 ноябри соли 2011 тасдиқ карда шавад.
13. Номзадии аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши соҳибкории ватанӣ Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон - Акбаров Фарҳодҷон, Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Помир Энерҷӣ» - Ҷумаев Далер, Роҳбари Иттифоқи ассосиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд - Тюряева Маъсуда ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «НБО Сангтуда-1» - Ругин Геннадий тасдиқ карда шавад.

Ваколатҳои аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши соҳибкории ватанӣ, Роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон – Забиров Н., Роҳбари Ассосиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон - Маҳкамова Г., Роҳбари ҶСК «Комбинати саноати кишоварзии Гулистон» - Ҳакимов С. ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ - Раиси Шӯрои директорони ҶДММ «Джинфенг Тоҷикистон» ва КМ «Зарафшон» - Тан Шан Фу бинобар сабаби ба итмом расидани мӯҳлати ваколатҳояшон, қатъ карда шавад.

### *2.6. Омодагӣ ба ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ*

Дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ корҳои зерин анҷом дода шуданд:

- тибқи супориши протоколии ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» фаълият намуд. Аз ҷониби гурӯҳи корӣ ҳуҷҷатҳои зикргардида таҳия карда шуда, ба ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуданд;
- мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 6-ум, 7-ум, 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуд;
- бо намояндагони бахши хусусӣ, созмонҳои соҳибкорӣ ва шарикони рушд вобаста ба баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ як қатор вохӯриву мулоқотҳо ва машваратҳо гузаронида шуданд;
- мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» мунтазам иштирок намуданд;
- бо шарикон (бахши хусусӣ, вазорату идораҳо, шарикони рушд) оид ба масъалаҳои мубодилаи иттилоот вобаста ба омодагӣ ба ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ ва мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ вохӯриҳои алоҳида гузаронида шуданд;

- таҳлили пешниҳодоти аз ҷониби бахши хусусӣ воридгардида оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ гузаронида шуд;
- машваратҳо бо намояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Суғд доир карда шуданд;
- мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ дар вазорату идораҳои марбута гузаронида шуданд;
- маводҳои зарурӣ барои доир намудани маҷлиси байниҷаласавӣ дар назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ омода карда шуданд;
- маводҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Раиси Шӯрои машваратӣ ва Котиби масъули Шӯрои машваратӣ барои доир намудани ҷаласа таҳия карда шуданд;
- дигар маводҳои зарурӣ омода карда шуда, корҳои ташкилии доир намудани ҷаласа мунтазам таҳти назорат қарор дода шуданд.

## 3. Мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва иттилоотонии ҷомеа

### *3.1. Доир намудани мониторинг аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ*

Дар қатори омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, яке аз вазифаҳои муҳими Котиботи Шӯрои машваратӣ ин доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ ва таҳия намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои он мебошад. Назорати умумӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пеш бурда мешавад ва мунтазам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда мешавад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ бо мақсади муайян намудани мақоми худ дар низоми мониторинг, нақшаи махсуси мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳия намудааст. Нақшаи мониторинг ба назорати натиҷаҳои бевоситаи ҳар як чорабинии алоҳида ва супоришҳо ва ҳам омода намудани ҳисоботи васеи натиҷаҳои мониторинг нигаронида шудааст.

Бо мақсади мунтазам ба роҳ мондани ҷамъоварии маълумот, мубодилаи иттилоот ва гузаронидани таҳлил, ки дар ҷараёни доир намудани мониторинг заруранд, Котиботи Шӯрои машваратӣ бо намояндагони вазорату идораҳои марбутае, ки ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар заминаи супоришҳои протоколии ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ қабул гардидаанд, масъул мебошанд, инчунин намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд як қатор вохӯриву мулоқотҳо доир намуд. Натиҷаҳои ин мулоқотҳо буд, ки ба Котиботи Шӯрои машваратӣ маъулмотҳо оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби шарикон ирсол карда шуданд. Натиҷаҳои фаъолияти мазкур ҷамъбаст гардида, ҳисобот оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ таҳия карда шуд ва ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати доир намудани маҷлиси байниҷаласавӣ дар назди Сарвазири мамлакат пешниҳод гардид. Ҳисоботи мазкур маълумоти муфассалро оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, натиҷаҳои иҷрои ин ё он қарор ё қисман иҷро гардидани он аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ, инчунин иштироки бахши хусусӣ ва шарикони рушдро дар ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ дар худ таҷассум намудааст.

### *3.2. Ҷараёни мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 6-ум, 7-ум, 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ*

Бояд тазаккур дод, ки қарорҳои қабулгардидаи ҷаласаҳои шашум, ҳафтум, ҳаштум ва нӯҳуми Шӯрои машваратӣ ба пурзӯр намудани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот, такмил додани муносибатҳои мақомоти давлатӣ тавассути рушди технологияҳои иттиллоотию коммуникатсионӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сохтмон, ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ташкил ва густариши фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав, рушди бозори амалиётҳои лизингӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ равона шуда буданд.

Дар давраи байни ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳои дахлдор қарорҳои протоколии ҷаласаҳои зикршуда дар маҷмӯъ иҷро гардида, корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд.

Дар доираи иҷрои қарорҳои ҷаласаи шашуми Шӯрои машваратӣ қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд:

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи мақсадноки давлатӣ оид ба тақвият бахшидани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2010-2012" аз 3 декабри соли 2010;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ" аз 3 декабри соли 2010.

Бо мақсади татбиқи "Барномаи мақсадноки давлатӣ оид ба тақвият бахшидани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2010-2012" дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, созмонҳои соҳибкорӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ" аз 3 декабри соли 2010, фаъолияти Шӯрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барқарор карда шуда, якчанд ҷаласаҳои он гузаронида шуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон аз ҷониби ассосиатсияҳои соҳибкорӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлону Суғд мунтазам семинарҳо ва курсҳои бозомӯзӣ гузаронида шуданд.

Бо мақсади иҷрои қарори ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ, аз ҷониби гурӯҳи кории назди Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014" таҳия карда шуда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Тибқи қарори Протоколии ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд таъсис дода шуда, фаъолият намуда истодаанд. Ҷараёни таъсиси чунин Шӯро дар назди Раиси шаҳри Душанбе идома дорад.

Дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ", "Дар бораи дастгирии давлатӣ ва ҳимояи соҳибкорӣ" бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд таъсис ва фаъолият намуда истодааст.

Маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 7-ум, 8-ум ва 9-уми Шӯрои машваратӣ дар Замимаи 1 Ҳисоботи мазкур пешниҳод карда шудааст.

### 3.3 *Иттилоотонии ҷомеа*

Котибот мақоми кории Шӯрои машваратӣ буда, на танҳо барои таъмини корҳои ташкилию методӣ ва техникии фаъолияти Шӯрои машваратӣ масъул аст, балки корҳои иттилоотии фаъолияти Шӯрои машваратиро низ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, таъмини иттилоот қисми таркибии фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ буда, ба масъалаи пешниҳоди маълумот ба ҷомеа ва таъмини шаффофият ҳамчун яке аз қисмҳои ҷараёни муколамаи давлат ва бахши хусусӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ Котиботи Шӯрои машваратӣ бо мақсади таъмини шаффофият, маълумотҳои заруриро оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои машваратӣ ба ҷомеа пешниҳод намудааст. Аз ҷумла Бюлетени моҳонаи Котиботи Шӯрои машваратӣ ва дигар варақаҳои иттилоотӣ таҳия гардида, ба шарикон ирсол карда шуданд. Аз ҷониби роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ба нашр расонида мешаванд. Инчунин роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар васоити ахбори омма, аз ҷумла радиову телевизион баромад намуда, дар сайти интернетии Шӯрои машваратӣ маълумотҳои муфассал ҷой дода шудаанд.

Барои пешниҳоди маълумот ба шарикон оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, Котиботи он, чорабиниҳои муҳим дар бахши соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, рушди бахши хусусӣ, муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ маълумотҳои заруриро ҷамъоварӣ намуда, Бюлетени моҳонаи худро таҳия менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ 10 Бюлетен бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия гардида, ба шарикон ирсол карда шуданд ва инчунин дар сайти интернетии Шӯрои машваратӣ бо суроғаи **www.investmentcouncil.tj** ҷой дода шудаанд.

Пас аз доир намудани ҳар як ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, Котибот Маълумотномаи васеъро оид ба ҷараёни ҷаласа, рӯзномаи корӣ, натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва қарорҳои дар ҷаласа қабулгардида таҳия намуда, ба шарикон ирсол намудааст. Инчунин дар давраи ҳисоботӣ якчанд варақаҳои алоҳидаи иттилоотӣ оид ба дастовардҳо ва фаъолияти Шӯрои машваратӣ таҳия карда шуда, ба ҷонибҳои ҳавасманд пешниҳод гардиданд.

Илова ба ин, буклети «Давлат ва бахши хусусӣ – ҳамкорӣ барои рушди устувор» таҳия карда шуда, дар Мизи мудавваре, ки дар таърихи 20 январи соли 2012 бо ибтикори Котиботи Шӯрои машваратӣ доир гардида буд, муаррифӣ карда шуд. Дар буклет самтҳои асосӣ, тартиби фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дар давраи ҳисоботӣ, ҳамкорӣ бо шарикон, инчунин дастовардҳои асосӣ дарҷ гардиданд. Буклети зикргардида бо мақсади пешниҳоди иттилооти васеъ оид ба Шӯрои машваратӣ ва самтҳои фаъолияти он на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки пешниҳоди иттилоот ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳия карда шудааст. Буклет бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр гардид.

Фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, инчунин афзалиятҳо ва роҳҳои минбаъд беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ташаккули муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар мақолаҳои Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев «Мо соҳибкоронро ба ҳамкорӣ даъват мекунем», ки дар ҳафтаномаи «Азия Плюс» ва «Давлат ва бахши хусусӣ – ҳамкориҳои созанда барои рушди устувор», ки дар маҷаллаи «Бонкдорӣ дар Тоҷикистон» интишор гардиданд, матраҳ гардидааст.

### 3.4. *Ҷамъоварӣ намудани пешниҳодот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ/чараёни филтратсияи мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ.*

Шӯрои машваратӣ механизмеро пешниҳод намудааст, ки тавассути он бахши хусусӣ метавонад ба қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти соҳибкорӣ ва кулли иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири калон расонад. Дар асоси механизми зикргардида бахши хусусӣ метавонад масъалаҳои худро мустақиман ба роҳбарияти олии мамлакат пешниҳод намуда, пешниҳодоти онҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад ва қарорҳои дахлдор қабул карда шаванд.

Мақсади доир намудани ҷараёни интихоби мавзӯҳо (филтратсияи масъалаҳо) аз он иборат аст, ки мавзӯҳои аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодгардида бо ҳамаи ҷонибҳои ҳавасманд баррасӣ карда мешаванд ва мавзӯҳои афзалиятнок аз байни онҳо ҷудо карда мешаванд. Дар натиҷа мавзӯҳои рӯзмарра ва афзалиятнок барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ интихоб карда мешаванд.

Бахши хусусӣ на танҳо заминаи муҳим барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аст, инчунин сарчашмаи мӯътамад ҷиҳати дастрас намудани иттилооти рӯзмарра ва зарурӣ оид ба мушкилиҳо ва монеаҳое, ки дар роҳи рушди соҳибкорӣ қарор доранд, ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия намудани лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ба пешниҳодоти бахши хусусӣ афзалияти хоса дода мешавад.

Бо мақсади таъмини пурраи шаффофияти самаранокии ҷараёни филтратсия, Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати омода намудани Номгӯи мавзӯҳое, ки дар ҷаласаҳоиояндаи Шӯрои машваратӣ баррасӣ карда мешаванд, корҳои назаррасеро ба сомон расонидааст.

Бо ин мақсад, Котиботи Шӯрои машваратӣ вохӯриҳои қаблиро бо намояндагони бахши хусусӣ доир намуд, ки дар онҳо як қатор масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли онҳо барои рушди соҳибкорӣ мусоидат менамоянд, пешниҳод гардиданд.

Якчанд масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок инчунин дар Мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – омили таъмини муколамаи кушод байни давлат ва бахши хусусӣ», ки бо ибтикори Котиботи Шӯрои машваратӣ баргузор гардида буд, аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳод карда шуданд.

## 4. Ҷараёни интихоби аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ

Дар давраи ҳисоботӣ корҳо оид ба татбиқи механизми интихоб/иваз намудани аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, сармоягузорони хориҷӣ ва шарикони рушди дуҷониба ва бисёрҷониба идома дода шуданд.

Дар ин давра, се аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ ва як аъзо аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ иваз карда шуданд.

Дар таърихи 9 январи соли 2012 Котиботи Шӯрои машваратӣ оид ба оғози ҷараёни интихоби номзадҳо ба узвияти Шӯрои машваратӣ озмун эълон намуд. Эълони мазкур тавассути почтаи электронӣ ба ҳамаи шарикон ва ҷонибҳои ҳавасманд ирсол карда шуда, дар ҳафтаномаҳои «Миллат» ва «Азия Плюс» нашр гардиданд.

Дар муддати пешниҳодгардида, яъне то 15 марти соли 2012 Котиботи Шӯрои машваратӣ аз шахсони ҳавасманд 22 ариза қабул намуд.

Дар натиҷа, дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ се нафар аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ ва як нафар аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ муаррифӣ карда шуданд.

Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки дар ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ боз ду нафар аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ ба узвияти Шӯрои машваратӣ интихоб карда мешаванд. Ба ҳайси номзадҳо он аризаҳое, ки дар давраи аз 9 январ то 15 марти соли 2012 қабул гардидаанд, баррасӣ карда мешаванд.

## 5. Ҳамкорӣ бо шарикон

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати густариши ҳамкориҳои созанда бо шарикон корҳои муайян анҷом дода шуданд. Мулоқоту вохӯриҳои Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо намояндагони шарикони рушд, Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон ҷаноби У. Ҳиндстром, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ ҷаноби К. Миллер, муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари Ҳамкориҳои Швейцария дар Тоҷикистон ҷаноби Н. Гюгас, Роҳбари Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷаноби Х. Унгетум ва дигар шарикони рушд пайваста гузаронида шуданд. Дар вохӯриҳо оид ба фаъолияти ҷории Котиботи Шӯрои машваратӣ, самтҳои минбаъдаи ҳамкорӣ ва дастгирии Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он аз ҷониби шарикони рушд мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар ин замина, аз ҷониби шарикони рушд доир намудани як қатор ислоҳот ва таҳлилҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ дастгирӣ карда шуданд ва саҳми онҳо дар ин ҷода хуб арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла ислоҳоти зерин дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ бо дастгирии шарикони рушд фаро гирифта шуданд:

- гузаронидани таҳлили қонунгузории амалкунанда оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»; ислоҳоти бозори хизматрасониҳои лизингӣ, яъне аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридот ва таҳвили таҷҳизоти технологӣ тавассути лизинг аз ҷониби Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дастгирӣ карда шуданд.
- таҳлили «Тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи комёб гаштан ба амнияти озуқаворӣ» бо дастгирии техникии Агентии ИМА оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон гузаронида шуд. Инчунин бо дастгирии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳлили мазкур аз ҷониби Ассосиатсияи МИДАТ такмил дода шуд.
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» бо дастгирии техникии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳия карда шуд.

Инчунин ташкил ва фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби шарикони рушд дастгирӣ ёфтанд.

Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон бо дастгирии техникии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ; Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд бо дастгирии техникии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ; Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ноҳияи Фархор бо дастгирии техникии Барномаи рушди СММ таъсис ва фаъолият намуда истодаанд.

Ҷараёни таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар минтақаи Рашт бо дастгирии Созмони амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо идома дорад.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ вохӯриву мулоқотҳои зерин гузаронида шуданд. Аз ҷумла вохӯриҳои асосӣ:

Дар таърихи 13 декабри соли 2011 дар Дафтари Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон конфронси видеоӣ бо намояндагони Дафтари марказии Бонки Ҷаҳонӣ аз Вашингтон, намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратӣ ва ШСХК «Барқи Тоҷик» ҷиҳати баррасӣ намудани масъалаи ҷорӣ намудани нишондиҳандаи нав «Дастрасӣ ба қувваи барқ» дар тадқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» ва методологияву ҳисоби он баргузор гардид.

Дар таърихи 15 декабри соли 2011 Дафтари Бонки Ҷаҳонӣ ҷиҳати инъикос намудани натиҷаҳои тадқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба муайян намудани мушкилиҳои асосии ҳуқуқӣ, техникӣ ва иттилоотии татбиқи самараноки низоми «Равзанаи ягона» ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ чорабинӣ доир намуд. Дар чорабинии мазкур намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд. Мақсади доир намудани вохӯрӣ муайян намудани роҳҳои минбаъдаи ислоҳот дар ин самт ва татбиқи амалии онҳо арзёбӣ гардид.

Дар таърихи 20 декабри соли 2011 Дафтари Бонки Ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо Ассосиатсияи соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон ва Ассосиатсияи «МИДАТ» бо мақсади баррасӣ намудани масъалаҳои фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ мизи мудаввар доир намуд. Дар кори мизи мудаввар намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд, инчунин Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд. Дар чорабинӣ сатҳи боварии доираҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон; чорабиниҳои асосӣ барои соҳибкорон тибқи тадқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» барои соли 2012; масъалаҳои рӯзмарраи бахши хусусӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, инчунин имкониятҳои Бонки Ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта баррасӣ карда шуданд.

Дар рафти чорабинӣ иштирокчиён фикру мулоҳизаҳои худро вобаста ба масъалаҳои баррасигардида иброз намуданд. Дар муҳокимаҳо Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев баромад намуда, оид ба баъзе камбудиҳои тадқиқоти зикргардида, ки аз ҷониби коршиносони Котиботи Шӯрои машваратӣ ва дар натиҷаи пурсиши соҳибкорон муайян карда шудаст, қайд намуд ва ҷиҳати ислоҳи минбаъдаи он, инчунин мукаммал намудани методологияи айни замон истифодашаванда ва таъмини шаффофияти он ибрози андеша намуд.

Дар таърихи 21-22 декабри соли 2011 Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо сариқтисодчии Дафтари Бонки Ҷаҳонӣ ҷаноби К. Григорян ва иқтисодчии кишварии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба Тоҷикистон ҷаноби С. Зайдӣ мулоқот намуд. Дар вохӯрӣ қадамҳои минбаъда ва имкониятҳои ҳамкории байни Бонки Ҷаҳонӣ ва Шӯрои машваратӣ, идомаи муколама ҷиҳати рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла омода намудани лоиҳаи махсуси сармоягузорӣ боназардошти тавсияҳои Котиботи Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар рафти мулоқоту вохӯриҳои доиргардида ҷонибҳо ҳамкориҳои Шӯрои машваратиро дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла беҳтар намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ ва тақвият бахшидани нерӯи кадрии он, беҳтар намудани

ҳамкориҳои Котиботи Шӯрои машваратӣ бо шарикон, рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, васеъ намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ дар самти доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва пешниҳодоти маълумот ба ҷомеа оид ба чараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва дигар самти ҳамкориҳо мавриди баррасӣ қарор доданд.

Тибқи натиҷаҳои вохӯриҳои доиргардида ҷиҳати идома бахшидани ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Котиботи Шӯрои машваратӣ бо намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд мувофиқа ҳосил карда шуд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ тасмим гирифтааст, ки минбаъд низ вохӯриҳои худро бо шарикон ҷиҳати муайян намудани қадамҳои минбаъдаи ҳамкориҳои созандаву самаранок мунтазам идома бахшад.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо Сафири Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон ҷаноби К. Гросс мулоқот намуд, ки дар он масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.

Мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ бо ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ оид ба тадқиқоти «Пешбурди соҳибкорӣ» мулоқот намуданд. Дар рафти мулоқот чараёни ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар доираи тадқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Роҳбарияти Котиботи Шӯрои машваратӣ бо намояндагони бахши хусусӣ ҷиҳати баррасии масъалаҳои ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ пешниҳодшаванда мулоқотҳои мунтазам доир намуданд.

Роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ бо мушовири байналмилалӣ оид ба масъалаҳои муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҷаноби Ҷ. Брю, ки бо даъвати Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ ба Тоҷикистон сафар намудааст, мулоқот намуданд. Ҳамчунин ҷаноби Ҷ. Брю дар мавзӯи «Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ» семинар доир намуд, ки дар кори он мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ иштирок намуданд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев дар чорабиние, ки аз ҷониби Палатаи савдои Амрико дар Тоҷикистон ташкил гардида буд, иштирок намуд. Дар чорабинӣ ҷаноби З. Завқиев лоиҳаи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро барои давраи миёнамӯҳлат муаррифӣ намуда, оид ба фаъолияти ҷории Котиботи Шӯрои машваратӣ ба иштирокчиён маълумот дод.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев дар кори мизи мудаввар оид ба ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ ва сармоя, ки аз ҷониби Агентии ИМА оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Палатаи савдои Амрико дар Тоҷикистон ташкил шуда буд, ширкат намуд. Мизи мудаввар таҳти раёсати Ёвари Котиби Департаменти давлатии ИМА оид ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ҷаноби Р. Блейк доир гардид.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо намояндаи Агентии иттилоотии «Азия Плюс» мулоқот намуда, дар рафти он масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баррасӣ гардиданд. Тибқи натиҷаҳои вохӯрӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳои Котиботи Шӯрои машваратӣ бо Агентии иттилоотии «Азия Плюс» ҳамчун яке аз намояндагони бахши хусусӣ ва ҳам ба сифати шарик аз ҷониби ВАО тақвият бахшанд.

## 6. Мизҳои мудаввар, семинарҳо, форумҳо ва ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳо

### *6.1 Мизҳои мудаввар.*

Дар давраи ҳисоботӣ роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар кори як қатор мизҳои мудаввар, форумҳо, семинарҳо ва ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд. Аз ҷумла чорабиниҳои асосӣ:

Дар таърихи 20 январи соли 2012 дар шаҳри Душанбе Мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – омили таъмини муколамаи кушод байни давлат ва бахши хусусӣ» доир гардид.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд иштирок намуданд. Кори мизи мудавварро муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум М. Маҳкамова ифтитоҳ намуда, Роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷаноби З.Завқиевро ба ҳозирин муаррифӣ намуд ва изҳори умедворӣ намуд, ки бо таин гардидани Роҳбари нав, фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он ба дараҷаи сифатан нав бароварда хоҳад шуд.

Сипас, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З.Завқиев баромад намуда, қайд намуд, ки мақсади доир намудани чорабинии мазкур пешниҳоди иттилоот оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дар соли сипаригашта ва нақшаҳои оянда боназардошти муайян намудани самтҳои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд мебошад. Аз ҷумла қайд гардид, ки дар соли 2011 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Барномаи мақсадноки давлатӣ оид ба тақвият бахшидани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2011-2012», «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шуданд. Санадҳои қабулшуда барои бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ, беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳанд кард.

Яке аз дастовардҳои назарраси Шӯрои машваратӣ дар соли сипаригашта аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизоти технологие, ки тавассути лизинг ба ҷумҳурӣ ворид ва фурӯхта мешаванд, ба шумор меравад. Вобаста ба ин, тибқи супориши протоколии ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ буда, айни замон муколамаи мазкур дар сатҳи минтақавӣ

тавассути таъсиси чунин шӯроҳо дар назди раисони вилоятҳо низ ташаккул ёфта истодааст. Дар тӯли чор соли фаъолияти худ Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мавқеи худро мустаҳкам намуда, барои ташкили муколамаи устувор ва бемайлони байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи олӣ ноил гардид.

Бо вуҷуди дастовардҳои ноилгардида, то ҳол мушкилиҳо дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ вуҷуд доранд ва Шӯрои машваратиро зарур аст, ки барои бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Аз ин рӯ, аз ҷониби Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев лоиҳаи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои давраи миёнамӯҳлат муаррифӣ карда шуд.

Стратегияи мазкур дар асоси пешниҳодоти бахши хусусӣ таҳия гардида, барои содда намудани маъмурикунонии андоз ва ҳисоботи оморӣ, бартараф намудани санҷишҳои беасос, тақвият бахшидани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъмини дастрасӣ ба қарзҳои дарозмуддат бо фоизҳои паст барои дастгирии соҳибкории хурду миёна равона карда шудаанд.

Мақсади асосии Стратегияи мазкур пурзӯр намудани фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, тақвият бахшидани ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ, инчунин шарикони рушд ва шӯроҳои минтақавӣ мебошад.

Аз номи намояндагони бахши хусусӣ Роҳбари Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон ҷаноби Ф. Раҷабов ва аз номи шарикони рушд роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон ҷаноби Улф Ҳиндстром баромад намуда, оид ба нақши бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар фаъолияти Шӯрои машваратӣ маълумот пешниҳод намуданд.

Дар кори мизи мудаввар мубоҳисаҳои муфид вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда сурат гирифт, ки дар ҷараёни он аз ҷониби иштирокчиён як қатор таклифҳои муҳим пешниҳод гардиданд.

Аз ҷумла, намояндагони бахши хусусӣ, ҷаноби М. Муҳаббатов – директори ҶДММ “Рухом”, ҷаноби З. Саидов – Роҳбари Ассосиатсияи соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон, ҷаноби М. Қодиров – муовини Роҳбари Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе, ҷаноби Т. Шарипов – муовини Роҳбари Ассосиатсияи соҳибкорон ва содироткунандагон, намояндагони шарикони рушд, ҷаноби Э. Ауер – Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, ҷаноби Х. Унгетум – Роҳбари Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дигарон баромад намуда, таклифу пешниҳодоти худро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ироа намуданд. Аз ҷониби иштирокчиён масъалаҳои вуҷуд доштани монеаҳо дар самти коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, маъмурикунонии андоз, гузаронидани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва дигар масъалаҳое, ки барои рушди соҳибкорӣ монеа эҷод менамоянд қайд гардиданд ва аз ҷониби Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев ба ҳар як масъалаи гузошташуда ҷавобҳои саҳеҳ пешниҳод карда шуд.

Дар хотимаи мизи мудаввар иштирокчиён изҳори умедворӣ намуданд, ки татбиқи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои ҳалли масъалаҳои рушди соҳибкорӣ мусоидат хоҳад намуд.

### *6.2 Муаррифномаҳо*

Дар таърихи 26 апрели соли 2012 намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар муаррифии "Ислоҳоти низоми андоз аз арзиши иловашуда (ААТ) барои лизинг", ки дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ доир гардид, ширкат намуданд.

Дар чорабинии мазкур муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби М. Алимардон, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон – ҷаноби Э. Ауер, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон – ҷаноби К. Миллер, Менеҷери Лоиҳаи Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ оид ба маблағгузории хоҷагии қишлоқ ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Р. Биллимория ва дигарон ширкат намуданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ иштирокчиён қайд намуданд, ки ислоҳоти андозбандӣ дар бахши амалиётҳои лизингӣ барои рушди иқтисодиёти миллии Тоҷикистон тавассути роҳҳои зерин мусоидат хоҳад намуд:

- беҳтар намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ барои соҳибкорон, зеро ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории андоз барои васеъ намудани маблағгузории амалиётҳои лизингӣ кӯмак мерасонад;
- зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар дохили ҷумҳурӣ;
- зиёд гардидани воридкунандагони хизматрасониҳои лизингӣ, пайдо шудани рақобат ва дар ин замина зиёд гардидани амалиётҳои лизингӣ;
- афзоиши сармоягузорӣ дар бахши лизинг;
- маблағгузорӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ.

Дар чорабинӣ нақши муҳими Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳалли масъалаи мазкур, яъне аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизоти технологие, ки тавассути лизинг ворид карда мешаванд, махсус қайд гардид. Мавриди зикр аст, ки масъалаи мазкур дар ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар асоси супориши протоколии ҷаласаи зикргардида лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

### *6.3. Семинарҳо*

Дар таърихи 16 сентябри соли 2011 дар бинои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Ҳамкориҳои шӯроҳои минтақавии мукоrazamai давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон" доир гардид. Дар кори семинар намояндагони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, намояндагони шӯроҳои минтақавӣ, аз ҷумла Котиботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Хатлон, Котиботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди Раиси вилояти Суғд, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси ВМКБ ва намояндаи Шӯрои дар ҷараёни таъсис

қарордоштаи назди Раиси шаҳри Душанбе оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд. Инчунин дар кори семинар намояндагони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ ва шарикони рушд иштирок намуданд.

Дар ҷараёни семинар намояндагони котиботҳои шӯроҳои машваратӣ имконият пайдо намуданд, ки бо ҳамкорони худ дар дигар минтақаҳо оид ба сохтор ва фаъолияти шӯроҳои машваратӣ, дастовардҳо ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти шӯроҳо мубодилаи афкор намуда, ба саволҳои худ посуххои зарурӣ гиранд. Боназардошти он, ки шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди раисони вилоятҳо тоза таъсис дода шудаанд, намояндагони котиботҳои шӯроҳои зикргардида ҳавасманд буданд, ки аз таҷрибаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баҳравар шаванд. Аз ин лиҳоз, намояндагони котиботҳои шӯроҳои минтақавӣ ба саволҳои худ оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти Шӯрои миллӣ, аз ҷумла дар самти ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, интихоби мавзӯҳои рӯзмарра барои баррасӣ дар ҷаласаҳо, ҷараёни интихоби аъзоёни Шӯрои машваратӣ, ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, ҳамкорӣ бо шарикон, таъсиси гурӯҳҳои корӣ ва иштирок дар онҳо, механизми гузаронидани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва марҳилаҳои мувофиқа намудани ҳуҷҷатҳо ва татбиқи саривақтии онҳо посуххои муфассал гирифтанд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар семинар аз ҷониби намояндагони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муаррифӣ карда шуд, механизми мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ мебошад. Инчунин маълумоти муфассал оид ба маҷлисҳои байниҷаласавӣ оид ба баррасии натиҷаҳои мониторинг дар назди Сарвазири мамлакат пешниҳод карда шуданд.

Таваҷҷӯҳи хоса ба пешниҳоди иттилоот ба ҷомеа оид ба фаъолияти шӯроҳои машваратӣ тавассути васоити ахбори омма зоҳир карда шуд. Дар ҷараёни семинар оид ба сайтҳои интернетии шӯроҳои машваратӣ, азнавкунии мунтазами онҳо ва ба талаботи иштирокчиёни муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҷавобгӯ будани мӯҳтавои онҳо маълумоти муфассал дода шуд.

Аз ҷониби намояндагони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ роҳҳои минбаъдаи густариши ҳамкориҳои Шӯрои миллӣ бо шӯроҳои минтақавӣ ва котиботҳои онҳо тавассути мубодилаи мунтазами таҷриба, иттилоот, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, иштирок дар ҷаласаҳои шӯроҳои машваратӣ ва пешниҳоди мавзӯҳо аз ҷониби шӯроҳои минтақавӣ ба Шӯрои миллӣ пешниҳод гардид.

Дар хотимаи семинар, иштирокчиёни семинар қарори якҷояи худро оид ба ҳамгироии фаъолияти худ ҷиҳати мустаҳкам ва рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ қабул намуданд.

### *6.4. Форумҳо*

Дар таърихи 13-15 сентябри соли 2011 дар шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд Форуми иқтисодии «Минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон: Дурнамои тараққиёт» доир гардид.

Форуми мазкур бо ибтикори Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ва бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Бонки миллии Тоҷикистон, Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо сурат гирифт.

Мақсади асосии Форум пешниҳоди иттилоот ба мақомоти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ, доираҳои илмию ҷамъиятӣ ва сармоягузорони хориҷӣ оид ба бартариятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Тоҷикистон, таҳияи пешниҳодоти нав ҷиҳати мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии МОИ, ҳамкориҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон дар самти рушди МОИ, ҷалби сармоягузорон ва фаъол намудани ҳамкориҳои байни сармоягузорон ва маъмуриятҳои МОИ ба шумор меравад.

Инчунин иштирокчиёни Форум оид ба ташкили шароитҳои мусоиди ҳамкориҳои байни намояндагони мақомоти давлатӣ, маъмуриятҳои МОИ, ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ташаккул ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии МОИ ҳусни ният намуданд.

Дар кори Форум 300 нафар иштирокчиён аз 17 мамлакатҳои дунё ва 15 ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.

Дар ҷараёни Форум вохӯрии роҳбари Маъмурияти МОИ «Суғд» - А. Ёқубов бо ҳайати Федератсияи Россия, аз ҷумла ҳамраиси гурӯҳи минтақавии Москвагии «Россияи Интернатсионал»-и Фронти умумироссиягии халқӣ хонум Т. Полоскова доир гардид. Дар ҷараёни вохӯрӣ оид ба гузаронидани конфронси илмию амалӣ дар шаҳри Москва дар мавзӯи «Ҷамъияти тоҷикон дар Россия – нерӯи иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон» инчунин дар минтақаҳои Россия доир намудани муаррифномаҳо оид ба МОИ Тоҷикистон мувофиқа ҳосил гардид.

### *6.5 Ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ*

Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ яке аз омилҳои самараноки муколамаи давлат ва бахши хусусӣ маҳсуб мегардад, ки ба воситаи он бахши хусусӣ фикру андешаҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳое, ки дар рушди соҳибкорӣ монеа эҷод менамоянд, пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, намояндагони бахши хусусӣ боварӣ доранд, ки «овози бахши хусусӣ» дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ албатта шунида хоҳад шуд. Ва яке аз сабабҳои таъсиси шӯроҳои машваратӣ дар назди раисони ВМКБ, Хатлону Суғд ва ноҳияи Фархор низ баррасӣ намудани пешниҳодоти бахши хусусӣ ва пайдо намудани роҳҳои ҳалли проблемаҳои соҳибкорон дар минтақаҳо мебошад.

Мақсади асосии таъсиси шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ ҷиҳати дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳо мебошад.

Дар ин замина, 25 ноябри соли 2011 дар шаҳри Хуҷанд таҳти раёсати Раиси вилояти Суғд ҷаласаи нахустини Шӯрои машваратии назди Раиси вилояти Суғд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ доир гардид.

Дар кори ҷаласа, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, намояндагони шарикони рушд, бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ширкат намуданд.

Ба сифати даъватшудагон намояндагони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Дафтари минтақавии Барномаи рушди СММ ширкат намуданд.

Дар ҷаласаи нахустини Шӯрои минтақавии машваратӣ тибқи рӯзномаи кории ҷаласа масъалаҳои зерин баррасӣ карда шуданд:

6. Мақсад ва вазифаҳои Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
7. Ташкили кори Шӯро ва тасдиқи ҳайати аъзои Шӯро.
8. Тасдиқи номзадии котиби масъули Шӯро.
9. Оид ба фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд.
10. Тасдиқи рӯзномаи кории ҷаласаи дуюми Шӯрои минтақавии машваратӣ.

Дар рафти ҷаласа раиси вилоят оид ба мақсад ва вазифаҳои Шӯро маълумот пешниҳод намуда, аз ҷумла қайд намуд, ки мақсади асосии таъсиси Шӯрои минтақавии машваратӣ дар назди раиси вилояти Суғд ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилоят ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Инчунин дар ҷаласа, роҳбари Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ – Х. Унгетум, муовини раиси вилояти Суғд – С. Рустамов, сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилоят – И. Иномов, роҳбари Ассосиатсияи соҳибкории хурду миёна – И. Сангин, намояндаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – С. Холиқов баромад намуданд.

Дар хотимаи ҷаласа ба Шӯрои минтақавии машваратӣ тавсия дода шуд, ки ҳамкориҳои худро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тақвият бахшад.

## 7. Дурнамои фаъолияти минбаъда

Бо мақсади идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он фаъолияти худро дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва пешниҳоди масъалаҳои бахши хусусӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ давом хоҳад дод.

Фаъолияти минбаъдаи Котиботи Шӯрои машваратӣ барои мунтазам гузаронидани мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, таҳия ва қабули нақшаҳои кории Котиботи Шӯрои машваратӣ ва гузаронидани корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва натиҷаҳои бадастомада равона карда мешавад.

Дар ояндаи миёнамӯҳлат самтҳои зерин барои Шӯрои машваратӣ афзалиятнок ҳисобида мешаванд:

- тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ;
- соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон;
- бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд;
- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ;
- ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат;
- мусоидат ба шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил аз соли 1961) оид ба эътироф намудани ҳуҷҷатҳои кишвари шомилшудаи Конвенсия дар кишварҳои шомилшудаи дигар;
- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши фаъолияти суғуртавӣ;
- суръат бахшидани раванди ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳо.
- рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Данғара» ва андешидани чораҳо ҷиҳати рушди самараноки савдои наздисарҳадӣ;
- мусоидат намудан барои таҳияи барномаҳо ва нақша-чорабиниҳои зарурӣ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар соҳаҳои саноат, аз ҷумла коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди нахи пахта ва маҳсулоти ниҳоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, коркарди гӯшту шир дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳии ҷумҳурӣ;
- рушди соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи замин;
- мусоидат намудан барои дастрасии васеъ ба қарзҳои дарозмуддат бо фоизҳои паст ҷиҳати рушди истеҳсолоти ватанӣ;
- таҳия намудани нишондиҳандаҳои асосии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ якҷо бо бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд;
- гузаронидани таҳлили вазъи фазои сармоягузорӣ ва пешбурди соҳибкорӣ.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардида якҷо бо шарикон корҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- омода намудани мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ якҷо бо шарикон;
- идома ва тақвият бахшидани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ;
- васеъ намудани шумораи шарикон бо ҷалби соҳибкорон ва созмонҳои соҳибкорӣ, намояндагони вазорату идораҳо ва шарикони рушд;

- мусоидат барои беҳтар намудани шарикии байни давлат, бахши хусусӣ ва шарикони рушд, инчунин баланд бардоштани нерӯи бахши хусусӣ;
- мукаммал намудани ҷараёни интихоби мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ боназардошти афзалиятҳо ва рӯзмарра будани масъалаҳои пешниҳодшаванда (ҷараёни филтратсия);
- мусоидат барои ташкили семинар ва курсҳои бозомӯзӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон (мавзӯҳо боназардошти фикру мулоҳизаҳои бахши хусусӣ интихоб карда мешаванд);
- тақвият бахшидани рафти ҷамъоварии маълумотҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои бахши хусусӣ;
- гузаронидани корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ тавассути ВАО, иштирок дар барномаҳои телевизионӣ, мубоҳисаҳо ва нашри матолиб дар ВАО оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, Котиботи он ва ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ, мунтазам таҷдид намудани сайти интернетии Шӯрои машваратӣ ва мукаммал намудани он.

Инчунин бо мақсади тақвият бахшидани ҳамкориҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо шӯроҳои минтақавӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ; ташкили ҳамкориҳои созанда ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ бо Шӯрои миллӣ; ҳалли масъалаҳои мавҷуда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ; баланд бардоштани масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо ҳангоми гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ; таъмини иштироки намояндаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ; пешниҳоди иттилоот аз ҷониби шӯроҳои минтақавӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ; мунтазам доир намудани вохӯриҳои мутахассисони котиботҳои шӯроҳо бо мақсади мубодилаи таҷриба мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Ҳамчунин бояд барои таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар шаҳри Душанбе ва минтақаи Рашт чораҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ собит намуд, ки ташаккули муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар ҷомеа ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешавад. Шӯрои машваратӣ ягона майдоне мебошад, ки ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусиро бо иштироки шарикони рушд амалӣ намуда, муколамаи мунтазам ва озоди давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд.

Фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар давраи ҳисоботӣ бори дигар аз мақоми таъминкунандаи муколамаи озоди байни давлат ва бахши хусусӣ будани Шӯрои машваратӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами соҳибкорон тавассути он шаҳодат медиҳад.

**Замимаи 1**

# Ҷадвали
# ҷараёни иҷрои бандҳои протоколҳои ҷаласаҳои 7, 8 ва 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи ҳафтуми Шӯрои машваратӣ аз 15 марти соли 2011 №1с/12.2-2** | | | |
|---|---|---|---|
| **Мазмуни супоришҳои протоколӣ** | **Мӯҳлати иҷро** | **Ҷараёни иҷро** | **Эъзоҳ** |
| Тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Нимсолаи авали соли 2011 | ***Иҷро шудааст.*** Лоиҳаи «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, вале аз сабаби дар нақшаи кории Ҳукумати ҷумҳурӣ ворид гардидани қисми зиёди чорабиниҳои дар лоиҳа инъикосгардида, қабули он ғайримақсаднок эътироф гардид. | |
| Такмил додани лоиҳаи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» | Соли 2011 | ***Иҷро шудааст.*** «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» такмил дода шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 №459 қабул карда шуд. | |
| Таъсиси Шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе | Соли 2011 | ***Қисман иҷро шудааст.*** Дар назди Раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ва ноҳияи Фархор шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис карда шудааст. Дар шаҳри Душанбе ва водии Рашт масъалаи зикргардида мавриди баррасӣ қарор дорад. | |
| Пешниҳод намудани таклифҳои бахши хусусӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро | Мунтазам | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.*** Дар ҷаласаҳои навбатии Шӯро лоиҳаи Кодекси андоз, масъалаҳои рушди соҳибкории хурду миёна ва тақвият бахшидани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.<br>Марҳилаҳои интихоби мавзӯҳо гузаронида шудааст. | |
| Таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав | Соли 2012 | ***Иҷро шудааст.***<br>Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таъсис дода шудааст. Аз ҷониби Комиссияи давлатӣ лоиҳаи Консепсияи Кодекси андоз дар таҳрири нав таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ карда шудааст.<br>Дар ҷаласаи 9-уми Шӯро Ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав шунида шуд. Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. | |
| Аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ҳал намудани мушкилоти дастрас намудани қарзҳои дарозмуддат барои рушди фаъолияти сохтмонӣ | Мунтазам | ***Қисман иҷро шудааст.***<br>Тибқи иттилои Бонки миллӣ айни замон низоми бонкӣ барои ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ ва васеъ намудани дастрасии қарзҳои дарозмуддат ба соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳоро истифода намуда истодааст. Дар аввали соли 2011 ҷараёни рушди пешниҳоди маблағҳои қарзӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ афзоиши мӯътадилро нишон додааст.<br>Ҳамзамон барои рушди соҳаи сохтмон ва зиёд намудани ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат дар ҷумҳурӣ андешидани тадбирҳо ба монанди: аз ҷониби мақомоти дахлдор муҳайё намудани шароити мусоид барои фаъолияти ширкатҳои сохтмонии ватанӣ, кам намудани боҷи гумрукӣ ва ҷорӣ намудани низоми мувофиқи андозӣ ҷиҳати ворид намудани таҷҳизот ва технологияҳои муосир барои афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар кишвар, фароҳам овардани шароит барои ширкатҳои ватанию хориҷӣ оид ба ҷалби бештари сармоягузориҳо пешниҳод карда мешавад. | |
| Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ислоҳоти татбиқшудаистода дар байни соҳибкорони ноҳияҳои дурдаст. | Мунтазам | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Дар ин самт аз ҷониби Ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, баъзе аз аъзоёни Шӯро аз ҷониби бахши хусусӣ дар ҳамкорӣ бо Котиботи | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Шӯро ва шарикони рушд дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ семинару вохӯриҳо гузаронида шудааст. | |
| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи ҳаштуми Шӯрои машваратӣ аз 08 ноябри соли 2011 №1с/12.2-11** | | | |
| Вазорату идораҳои марбута иҷрои пурра, саривақтӣ ва босифати қарорҳои Шӯроро таъмин намоянд. | Мунтазам | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Мунтазам ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро дар вазорату идораҳои дахлдор гузаронида шуда, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар сурати зарурат маҷлисҳои байниҷаласавӣ оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро дар назди Сарвазири мамлакат гузаронида мешавад. | |
| Шӯъбаҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонунҳои аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозбандии амалиётҳои лизингӣ пешниҳодгардидаро ба баррасии ҷаласаи навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд. | Як моҳ | ***Иҷро шудааст.***<br>Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №585 лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Қонунҳои зикргардида аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд. | |
| Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд:<br>- лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи истифодаи қаъри замин», лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши | Нимаи аввали соли 2012 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Аз ҷониби гурӯҳи кории назди Кумита, лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва “Дар бораи истифодаи қаъри замин”, барномаи “Ҷолибгардонии сармоягузории истифодаи қаъри замин” таҳия гардида истодааст. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ба ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешавад.<br>Ҳамчунин дар назди Кумита гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар таҳрири нав | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| субъектҳои соҳибкорӣ»-ро таҳия намуда, ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоянд;<br>- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намуда, натиҷаҳои онро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ манзур намоянд. | | таъсис дода шуда, фаъолит дорад.<br>Таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мунтазам доир карда шуда, тавсияҳои он дар ҷаласаҳои Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. | |
| Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи Кодекси нави андоз дар ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз ахбороти муфассал пешниҳод намояд. | Нимаи аввали соли 2012 | ***Иҷро шудааст.***<br>Дар ҷаласаи 9-уми Шӯро Ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав шунида шуд. Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. | |
| Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таҳлилҳои амиқ гузаронида, барои осон намудани мушкилоти соҳибкорон ва баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ чораҳои муассир андешиданд ва дар ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ ҳисоботи муфассал пешниҳод намоянд. | Доимӣ | ***Иҷро шудааст.***<br>Дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди Раиси вилояти Хатлон оид фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ахбороти муфассал пешниҳод намуд.<br>Аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро ба роҳбарияти вилояти Хатлон супоришҳои мушаххас дода шуд, ки дар Протоколи ҷаласа дарҷ гардидааст. | |
| Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- ба таври фаврӣ масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифатро омӯхта, лоиҳаҳои санадҳои меъёрию | Семоҳаи аввали соли 2012 | ***Қисман иҷро шудааст.***<br>Аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифат таҳия карда шуда, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.<br>Вале то ҳол аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор қабул | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҳуқуқиро тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;<br>- якҷо бо вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сармоягузорон барои ба роҳ мондани технологияҳои муосири кишоварзӣ, аз ҷумла технологияҳои каммасрафи таъмини об, тухмиҳои хушсифат, нигаҳдории хуби замин ва ҳолати мелиоративии он ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ чораҳои мушаххас андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд. | | карда нашудааст.<br>Тибқи супориши навбатии Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ, чунин тағйироту иловаҳо бояд ба таври комплексӣ дар лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба инобат гирифта шаванд.<br>Вале, тағйиротҳои зерин дар лоиҳаи Кодекс ба назар гирифта нашудааст.<br>Пешниҳодоти Вазорати кишоварзӣ дар бораи ба роҳ мондани технологияҳои муосири кишоварзӣ, аз ҷумла технологияҳои каммасрафи таъмини об, тухмиҳои хушсифат, нигаҳдории хуби замин ва ҳолати мелиоративии он ва баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудааст. | |
| Вазоратҳои мелиоратсия ва захираҳои об, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо барои гирифтани пеши роҳи партовшавии заминҳои корам чорабиниҳои мушаххас андешида, ҷиҳати таъмини сифати корҳои сохтмонӣ ва баркарорсозии иншоотҳои ирригатсионӣ, тибқи лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда чораҳои муассир андешанд ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намоянд. | Семоҳаи аввали соли 2012 | ***Иҷро шудааст.***<br><br>Маълумоти муфассал таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст. | |
| Вазорати молия, Бонки миллӣ ва дигар сохторҳои марбута, ҷиҳати ҳалли мушкилоти дастрас намудани қарзҳои дарозмуддат барои рушди соҳаи кишоварзӣ | Семоҳаи аввали соли 2012 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Бонки миллӣ айни замон низоми бонкӣ барои ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ ва васеъ намудани дастрасии қарзҳои дарозмуддат ба соҳаи кишоварзӣ аз тамоми имкониятҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас манзур намоянд. | | худ истифода мебарад.<br>Дар ин раванд Бонки миллӣ бо Бонки рушди Хитой ҳамкорӣ дошта, захираҳои қарзиро барои рушди соҳаи кишоварзӣ ҷалб менамояд, ки онҳо ба воситаи бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ мегарданд.<br>Бонки миллӣ пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бояд имтиёзҳои андозӣ дода шуда, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ зиёд карда шавад. | |
| Иштироки роҳбарони аввали вазорату идораҳои бахши иқтисодии ҷумҳурӣ ба ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ таъмин карда шавад. | Нимаи аввали соли 2012 | ***Иҷро шуда истодааст.***<br>Дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ роҳбарони аввали вазорату идораҳои бахши иқтисодӣ ба ҳайси нозир даъват кара мешаванд. | |
| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи нуҳуми Шӯрои машваратӣ аз 10 апрели соли 2012 №1с/122-7** | | | |
| 1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалиро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.<br>Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад. | Дар давоми се моҳ | ***Иҷро шудааст.***<br>Бо мақсади иҷрои банди мазкур корҳои муайян ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ як қатор вохӯриву мулоқотҳоро бо намояндагони соҳибкорони мамлакат доир намуда, фикру мулоҳизаҳои онҳоро ба Комиссияи давлатӣ пешниҳод намуд. Инчунин вохӯрии якҷояи соҳибкорон, намояндагони Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва Кумитаи андоз гузаронида шуда, дар он низ фикру андешаҳои соҳибкорон шунида шуданд.<br>Тибқи супориши протоколии ҷаласаи васеи кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2012, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба таъсири лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таҳлил гузаронида шуд ва натиҷаҳои он ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.<br>Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шуд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида натиҷаи онро ба ҷаласаҳои оянлаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд. | Ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод карда шавад. | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Бо мақсади иҷрои банди зикргардида дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро идома дода истодааст. Аз ҷониби гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида натиҷаҳои он ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешавад. | |
| 3. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратиро таҳти назорати доимӣ гирифта, мониторинги иҷрои қарорҳо ва дар ҳолати зарурат натиҷагирии онро дар назди Сарвазири мамлакат давом диҳад. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Аз ҷониби Котиботи Шӯро монитиронги иҷои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро мунтазам гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба Котиби масъули Шӯро пешниҳод карда мешавад.<br>Аз ҷумла, айни замон мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаи 9-уми Шӯро натиҷагирӣ карда шуда, ба ҷаласаи 10-уми Шӯро пешниҳод карда мешавад. | |
| 4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар қаламрави вилоят хусусан минтақаҳои дурдасту кӯҳии он, дар соҳаҳои саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот, коркарди нахи пахта ва | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, ки ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ирсол карда шудааст, дар вилоят ҷиҳати рушди соҳаи саноат, дар асоси таклифҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, дар назар аст, ки дар солҳои 2012-2013 -157 адад корхонаҳои хурд ва коргоҳҳои нави замонавӣ бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Дар чор моҳи соли ҷорӣ дар вилоят 23 адад корхонаҳои хурд ва коргоҳҳои нави саноатӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, саноати коркарди гӯшту шир, бахши сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт нақша-чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, афзоиши назарраси таъсиси корхонаҳои саноатиро дар вилоят таъмин намояд. | | таъсис дода шудааст.<br>Бояд қайд намуд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят диққати асосии худро барои ҳарчӣ бештар дар ноҳияҳои кӯҳистон бунёд гардидани корхонаҳои хурд ва коргоҳҳои нав равона намуда, пешбинӣ мешавад, ки дар солҳои 2012-2013 дар ноҳияҳои Ховалинг -6 адад, Мӯъминобод -7 адад, Балҷувон -4 адад, Темурмалик -8 адад ва Шурообод -11 адад бо ҷалби соҳибкорони ватанӣ корхонаҳои саноатии хурд дар самти коркарди мева ва маҳсулоти чорводорӣ бунёд гарданд.<br>Ҳамзамон барои истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар ноҳияҳои Шурообод, Ҳамадонӣ, Фархор, Қумсангир, Қубодиён ва Ҷиликул бо дастгирии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии миёнамӯҳлат ба анҷом расонида шуд.<br>Ҳамчунин Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Н. Хусрав барои солҳои 2012-2015 тасдиқ гардида, тибқи муқаррарот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, дар шаҳри Норак таҳияи Барнома идома дорад.<br>Барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармояи маҳаллӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти вилоят тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуда, Шӯрои машваратии назди раиси вилоят оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ фаъолият намуда истодааст. Дар доираи Шӯрои машваратӣ гурӯҳҳои корӣ вобаста ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла коркарди меваю сабзавот, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои бунёди корхонаҳои саноатӣ таҳлилу омӯзишҳо гузаронида истодаанд. | |
| 5. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон вазъи кунунии | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>***Ахборот оид ба фаъолияти Маъмурияти МОИ "Панҷ"***<br>Маъмурият ҷиҳати ташаккулёбӣ ва рушди минтақаи озоди иқтисодӣ дар нимсолаи якуми соли 2012 корҳои назаррасеро ба анҷом расонида бо мақсади ҳамкорӣ бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибкорони | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| минтақаҳои озоди иқтисодиии «Панҷ» ва «Данғара»-ро пурра таҳлил намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо, аз ҷумла рушди савдои байнисарҳадӣ чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шашмоҳа борот диҳад. | | ватанӣ вохӯрӣ ва гуфтушунидҳо ташкил намудааст.<br>Дар ин ҷода Маъмурияти МОИ "Панҷ" бо намояндагони мамлакатҳои хориҷӣ ва соҳибкорони дохилӣ бо сарварии Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон (САҲА) дар ҳудуди минтақа вохӯрӣ ва мулоқотҳо ҷиҳати ҳамкорӣ гузаронидааст.<br>Инчунин, дар давоми соли ҷорӣ соҳибкорон, намояндагони аҳли (доираҳои) тиҷоратии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон, Ҷумҳурии Лаҳистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Сафири Ҷумҳурии Белоруссия, намояндагони Бонки ҷаҳонӣ, Бонки миллии ҷумҳурӣ ва дигарон ба минтақа ташриф намуда оиди ҷалби сармоягузорӣ, ташкили корхонаҳо мулоқотҳо гузаронидаанд.<br>Вобаста ба вусъатдиҳӣ, паҳнсозии маълумот ва ҷалби сармоягузорон Маъмурият бо дастгирии Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон (САҲА) сомонаи интернетиро таҷдид намуд ва маҷаллаҳоро оид ба имконияти сармоягузорӣ дар минтақа омода кард.<br>Дар муддати 3 соли сипаришуда муайян гардидааст, ки бе таъмини инфрасохтори аввалиндараҷа (роҳ, хати барқ, хати обу ташноб, деворҳои иҳотакунандаи гирду атроф) ҷалби сармоягузорон ба минтақа ғайриимкон мебошад. Бо мақсади ҳалли ин масъала аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷети ҷумҳурӣ 300 ҳаз.сомонӣ барои соли 2011 ва 300 ҳаз. сомонӣ барои соли 2012 ҷудо гардидааст, ки ин маблағ хело ночиз аст.<br>Инчунин, мутобиқи Созишномаи байниҳукуматӣ оиди қарзи имтиёзноки Ҷумҳурии Лаҳистон бо мақсади сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаи озоди иқтисодии "Панҷ" ба маблағи 5 млн. дол.амрикоӣ пешбинӣ гардида шудааст.<br>Дар ин давра дар МОИ "Панҷ" 6 ширкат ҳамчун субъект ба қайд гирифта шуда, сармоягузории пешбинишудаи онҳо мутобиқи бизнес – нақшаҳо 19,5 млн дол. ИМА-ро ташкил менамояд.<br>Айни ҳол ба 6 субъекти минтақа 18,7 га. қитъаи замин ба иҷора дода шудааст.<br>Маъмурият то имрӯз аз ҳисоби даромадҳои худ ва инчунин маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ намудааст:<br>1) -таҳияи Нақшаи кулли тарҳкашӣ (Генплан) ва топографӣ;<br>-лоиҳаи сохтмони хатти об, лоиҳаҳои пойгоҳи обкашӣ ва пойгоҳи обтакшинкунӣ - ба маблағи 300 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудаанд.<br>2) Корҳои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа;<br>-сохтмони хатти об бо дарозии 2510 метр ва Пойгоҳи муваққатии обкашӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ба маблағи 327,7 ҳозор сомонӣ корҳо иҷро карда шудаанд.<br>-сохтмони деворбандии атрофи минтақа бо дарозии 700 метр ба маблағи 207,2 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро карда шудаанд.<br>3) таъмири бинои Маъмурият ва сохтмони хатти барқи дохилии минтақа – ба маблағи 34,5 ҳазор сомонӣ.<br>Маблағи умумии корҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашӣ ба 01.07.2012 ба 869,4 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.<br>Дар нимсолаи якуми соли 2012 ширкати «Сантехника -сервис» ҳамчун субеъкт дар минтақаи озоди иқтисодии "Панҷ" ба қайд гирифа шуд.<br>1) Ширкати «Сантехника - сервис» дар давоми фаъолияташ ба маблағи 224,1 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ва васлкуниро иҷро намудааст.<br>2) Ширкати «АНВАТ_СЕРВИС» дар нимсолаи якуми соли 2012 фаъолияташро аз сохтмони бинои тарозу барои хизматрасонии нақлиётӣ оғоз намуда, корҳои сохтмониро ба маблағи 95,2 ҳазор сомонӣ иҷро намуда, сохтмони бинои мазкур ба истифода дода шуд.<br>***Ахборот оид ба фаъолияти Маъмурияти МОИ "Данғара"***<br>Дар шаш моҳи соли ҷорӣ бо мақсади амалӣ намудани самтҳои асосӣ, инфрасохтори аввалиндараҷа ва тибқи Нақшаи чорабиниҳои Маъмурият барои солҳои 2011-2013 якчанд корҳои аввалиндараҷаро ба анҷом расонид.<br>Аз ҷумла:<br>Бо мақсади ташкили инфрасохтори аввалиндараҷа дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби Фурӯдгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе ва лоиҳаҳои инвеститсионие, ки мӯҳлати лоиҳаҳояшон ба итмом расидаанд воситаҳои нақлиёти сабукрав, техникаи кишоварзӣ ва таҷҳизотҳои техникӣ ҷудо гардид, ки айни замон дар истифодаи Маъмурият қарор дорад.<br>То ба имрӯз, ба Маъмурият 14 довталаб муроҷиат намуда, 2-тои онҳо ҶДММ “Ю и Ф - сервис” ва ҶДММ “Космос” ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст.<br>Маъмурият дар ҷодаи ташкили корхонаҳо ва ҷалб намудани сармояҳои пулӣ ва технологияҳои ҳозиразамон бо ширкатҳои дохилию хориҷӣ гуфтушунидҳо намуда истодааст. Аз ҷумла:<br>1. Заводи сементбарорӣ, аз ҷониби - Ҷумҳурии Исломии Эрон;<br>2. Корхона оиди тайёр намудани хӯрок барои чорво ва паррандапарварӣ - Ҷумҳурии Исломии Эрон;<br>3. Корхонаи хурди собунбарорӣ, аз ҷониби - соҳибкори ватанӣ;<br>4. Заводи истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ, аз ҷониби -Ҷумҳурии халқии Хитой;<br>5. Ташкили Маркази логистикӣ ва базаи нигоҳдорӣ барои интиқоли | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | маҳсулот ба Ҷумҳурии исломии Афғонистон, аз ҷониби Федератсияи Россия;<br>6. Ҷойгир кардани истгоҳҳои барқии офтобӣ, аз ҷониби кишварҳои Изроил ва Ҳолланд;<br>7. Заводи истеҳсоли шакар, аз ҷониби - Ҷумҳурии Лаҳистон;<br>8. Корхонаи саноати сабук, аз ҷониби - Ҷумҳурии Покистон;<br>9. Сохтмони заводи итеҳсоли ҳисобкунакҳои барқӣ, аз ҷониби – Ҷумҳурии Исломии Эрон;<br>10. Сохтмони заводи ордбарорӣ, аз ҷониби - Ҷумҳурии Қазоқистон;<br>Дар назар аст, ки дар амалӣ гардидани ин ҳамкориҳо, тибқи бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои афзалиятнок ба минтақа зиёда аз 100 миллион доллари ИМА ворид гардад.<br>Ин амали нек, барои коркарди саноати сабук, коркарди меваҷот, сохтмони корхонаи коркарди нафт, истифодаи оқилонаи роҳи оҳан, нуқтаҳои тиҷоратӣ, иҷтимоию фарҳангӣ равона карда мешаванд ва аз ҳисоби ин лоиҳаҳои мазкур, ҷалби мутахассисони ноҳия ва вилоят дар назар дошта шудааст, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи даромаднокии аҳолии ноҳия, вилоят ва рафти иҷрои барномаҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбии худро хоҳад расонид.<br>Маъмурият барои ҷалби сармоягузорон зиёда аз 21 лоиҳаҳои инвестисиони омода намуда, бо тариқи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони дипломатии давлатҳо ва ташкилотҳои байналмиллалии дар Тоҷикистон буда ирсол намуд.<br>Дар ин равия, бо пешниҳоди намояндагии сафоратхонаи Ҷумҳурии Лаҳистон дар шаҳри Тошкенти Узбекистон рӯзи 21 июни соли 2012 дар ноҳияи Данғара бо иштироки Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Данғара, соҳибкорони вилояти Хатлон ва ҷумҳурӣ “Рӯзи дари кушода” семинар машварат гузаронида шуд.<br>Мақсади асосии гузаронидани семинар ин ҷалби сармоягузорони Лаҳистон ва соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати ҳамкорӣ дар МОИ “Данғара ва хоҷагиҳои ноҳияи Данғара ва хоҷагиҳои вилояти Хатлон мебошад.<br>Маъмурият дар ҷоддаи он, ки вазъи минтақа ба талаботҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад барои таҳлил гузаронидан, бо Ширкати содиротии башардӯстонаи SES–и Олмон оид ба омода намудани бизнес- нақшаҳои сармоягузорӣ ва барномаи рушди минтақа гуфтушинидҳо гузаронид. Дар натиҷа аз ҷониби Ширкати мазкур як гурӯҳ мутахассисон ба минтақа ташриф оварда аз вазъи минтақа ҷиҳати ҳамкорӣ шиносоӣ намуданд.<br>Маъмурият дар ҳамбастагӣ бо Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Тоҷикистон барои ҷонок намудани пешбурди кори минтақа бо ташкилоти ғайридавлатии ВСО шартномаи дуҷониба барои ҳамкорӣ намудан ба имзо расонид. Барои вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудан аз ҷониби ин ташкилот, аз 17 апрели соли 2012 валантёр аз Англия даъват гардид, ки дар давраи ду моҳи кории ин валантёр веб-сайти минтақа ташкил карда шуд.<br>Маъмурият аз ҳисоби 800,0 ҳазор сомонӣ маблағи пешбинишудаи буҷетӣ соли 2012 ва истифода аз пардохтҳои оянда ба масофаи зиёда аз 4 км. хатти оби нӯшокиро бо лӯлаҳои пластикии диаметраш 225мм ба минтақа гузаронид.<br>Айни замон Маъмурият бо Дирексияи сохтмони иншоотҳои ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои сохтмони бинои Маъмурият ва маҳкам намудани гирду атрофи минтақаро омода намуда, барои дастур ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Дар ин раванд Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 апрели соли 2012 №АП-1922 ба маблағи 3,0 миллион сомонӣ оид ба бунёди иншооти аввалиндараҷаи инфрасохтори минтақа ба имзо расидааст.<br>Айни замон, аз ҷониби Дирексия корҳои техникии сохтмони бинои Маъмурият ва марҳилаи аввали маҳкам кардани гирду атрофи минтақа ба итмом расида истодааст.<br>Мушкилии асосие, ки дар пеши роҳи минтақа истодааст ин норасогии маблағгузории инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла: гузаронидани хати барқ ва об, маҳкам намудани гирду атрофи минтақа, нақшаи кулл ва ворид намудани хатти оҳан ба дохили минтақа мебошад, ки бе дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ғайри имкон мебошад. | |
| 6. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута, соҳибкорон, муассисаҳои таълимоти касбӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани иқтидори касбии соҳибкорон, таъсиси марказҳои бозомӯзии соҳибкорон ва таъмини фаъолияти самараноки онҳо чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Айни замон, таваҷҷӯҳи аксарияти роҳбарони ҳукуматҳои маҳаллӣ барои рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ афзуда истодааст.<br>Дар вилояти Хатлон Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории вилоят таъсис дода шуд. Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят марказ бо бинои корӣ таъмин гардида, фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Дар қатори вилоятҳо дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ таъсис дода шудааст.<br>Аз ҷумла, бо дастгирии шарикони рушд дар ноҳияи Фархор | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| намудани фазои сармоягузорӣ ҳар шашмоҳа ахборот манзур намоянд. | | чунин Шӯро дар назди Раиси ноҳия таъсис ёфта, ҷаласаи аввалини худро доир намуд.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб тасмим гирифтааст, ки Шӯрои машваратиии назди Раиси шаҳрро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис диҳад. Инчунин ҷараёни таъсиси чунин Шӯро дар водии Рашт низ идома дорад. | |
| 7. Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд масъалаҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишавандаро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамоҳанг намоянд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Котиботи Шӯро якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо шӯроҳои минтақавӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Хатлону Суғд ҳамкориҳои зичро ба роҳ мондааст. Мавзӯҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишаванда бо Котиботи Шӯро ҳамоҳанг карда мешаванд. Аз ҷумла, дар таърихи 6 ва 27 апрели соли 2012 ҷаласаи Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд доир гардид, ки дар он гузориши гурӯҳи корӣ оид ба иҷрои «Барномаи давлатии афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2010-2012 ва стратегияи рушди он дар вилоят» (дар самти истеҳсоли меваю сабзавот) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.<br>Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон то инҷониб се ҷаласаи худро доир намуда, дар доираи фаъолияти Шӯро гурӯҳҳои кории зерин таъсис дода шуданд:<br>• Гурӯҳи корӣ оид ба пешниҳоди таклифҳо доир ба ташкили корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар ин самт.<br>• Гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили масъалаҳои ҷамъоварии андозҳо ва ҳисоботдиҳии оморӣ.<br>• Гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили идоракунии масъалаҳои обёрӣ ва | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | пардохти саривақтии ҳаққи истифодаи об. Дар ин давра гурӯҳҳои корӣ 6 ҷаласаҳои корӣ гузаронида, масъалаҳои дахлдорро таҳлил ва муҳокима намуда тавсияҳоро ба ҷаласаи Шӯрои машваратӣ барои баррасӣ пешниҳод карданд. | |
| 8. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ва ҷараёни иҷрои онҳоро тавассути васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос намояд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.*** Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷиҳати инъикоси ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ тавассути васоити ахбори омма ба таври васеъ корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намуда истодааст. Аз ҷумла аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ дар рӯзномаи “Азия Плюс”ва маҷаллаи “Бонкдорӣ” мақолаҳо оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва ҷараёни ислоҳот ба нашр расонида шуд. Инчунин ба дигар васоити ахбори оммаи давлативу хусусӣ, ВАО-и электронӣ иттилоот пешниҳод карда шудааст.<br>Илова бар ин, аз ҷониби Котиботи Шӯро ҳармоҳа Бюлетен бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он таҳия гардида, ба шарикон, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ирсол карда мешавад. Инчунин сомонаи интернетии Шӯрои машваратӣ фаъол аст ва дар он иттилооти зарурӣ ба шарикон пешниҳод карда мешавад.<br>Ҳамзамон, пас аз ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки дар таърихи 19 октябри соли 2012 доир гардид, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиев З. тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ оид ба масъалаҳои дар ҷаласа бараросигардида ва аҳамияти онҳо барои рушди иқтисодиии ҷумҳурӣ мусоҳиба анҷом дод.<br>Ҷараёни иҷрои банди зикргардидаи Протоколи ҷаласаи 9-уми | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад. | |
| 9. Аъзоёни Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолияти пурсамар намуда, ба соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд ва аз натиҷааш дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахборот пешниҳод намоянд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.*** <br> Котиботи Шӯрои машваратӣ бо аъзоёни Шӯро аз ҷониби бахши хусусӣ ҳамкориҳои зич дошта, ба онҳо тавсия дода мешавад, ки оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар минтақаҳои худ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд. Аз ҷумла чунин корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон, Иттифоқи ассосиатсияҳои соҳибкории вилояти Суғд, Маркази ҳамоҳангсозии ассоситсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон ва дигар созмонҳои соҳибкорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуда истодаанд. <br> Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон (Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон Фарҳод Акбаров айни замон аъзои Шӯрои машваратӣ мебошад) мунтазам бо аъзоёни худ ва мизоҷони онҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар вохӯриҳои иттилоотиро бо мақсади фаҳмондадиҳӣ ва равшанӣ андохтани масъалаҳои маблағгузории хурд, фаъолияти худи Ассосиатсия ва рушди бахши хусусӣ, инчунин оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна, мегузаронад. Дар моҳҳои май ва июни соли ҷорӣ дар вилоятҳои Хатлону Суғд маҷлисҳои минтақавии аъзоёни Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон бо иштироки намояндагони мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми ташкилотҳои молиявию қарзие, ки дар ҳамин минтақаҳо фаъолият менамоянд, гузаронида шуд. <br> Ба иштирокчиёни маҷлисҳои минтақавии зикргардида иттилооти дахлдор оид ба тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷорие, ки фаъолияти онҳоро ба танзим медароранд аз ҷумла Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | маблаггузории хурд» пешниҳод карда шуд. Ба иштирокчиён оид ба фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои қонунҳои таҳияшаванда, аз ҷумла «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва «Дар бораи санчиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» иттилоот пешнҳод карда шуданд.<br>Инчунин аз тарафи Ассосиатсия дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ зиёда аз 2000 нафар деҳқонони вилояти Хатлон дар доираи омӯзиши молиявии аҳолӣ дар бахшҳои махсус омӯзонида шуданд. Дар омӯзишҳои мазкур низ ба деҳқонон оид ба ислоҳоти иқтисодии амалишавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ислоҳоте, ки тавассути Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ гузаронида мешавад, маълумоти муфассал пешниҳод гардид.<br>Оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар ҳар як ҷаласаи Шӯрои машваратӣ намояндаи бахши хусусӣ гузориши муфассал манзур менамояд. Вале, бояд зикр намуд, ки на ҳамаи аъзоёни Шӯро вобаста ба масъалаи мазкур фаъолияти пурсамар доранд.<br>Айни замон, аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ идома дорад ва дар мӯҳлатҳои муайяншуда маълумоти муфассал пешниҳод карда мешавад. | |
| 10. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахбороти Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои | То ҷаласаи 10-уми Шӯро | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи супориши протоколии ҷаласаҳои Шӯро дар ҷаласаи 9-уми Шӯро гузориши Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудни фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон шунида шуд. Дар ҷаласаи 10-уми Шӯро гузориши Раиси Шӯрои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд пешниҳод карда шавад. | | минтақавӣ оид ба беҳтар намудни фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд дар назар аст. Дар доираи омодагиҳо ба ҷаласаи 10-уми Шӯро рӯзҳои наздик лоиҳаи Ахборот дастрас карда шудааст.<br>Инчунин дар ҷаласаи 11-уми Шӯро гузориши Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудни фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ шунида хоҳад шуд. | |
| 11. Ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои хурдро бо фоизҳои паст ба занҳои соҳибкор зиёд намоянд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Ассосиатсяи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, ҳавасмандкунонии паст намудани фоизҳои қарзии аз тарафи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти Ассосиатсияи маблағгузории хурди Тоҷикистон масъалаи афзалиятноктарин мебошад. Фаъолияти Ассосиатсия дар ин раванд бо чанд намуд механизмҳо амалӣ мегардад:<br>- Ассосиатсия яке аз аъзоёни фаъоли Гуруҳи корӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба дастрасӣ ба маблағгузорӣ» мебошад. Гуруҳи кории мазкур аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ дастгирӣ карда мешавад. Мақсади гурӯҳи корӣ ин коркарди механизмҳо мебошад, ки метавонад дастрасии соҳибкоронро ба маблағгузорӣ хусусан дар минтақаҳои дурдаст васеъ намояд.<br>- Аз тарафи аъзоёни Ассосиатсия Кодекси одоби корӣ қабул гардид, ки он дар худ принсипҳои ҳимояи қарзгирандагонро, ки аз тарафи гурӯҳи умумичаҳонӣ оид ба маблағгузории хурд «Смарт-ширкатҳо» таҳия гаштааст, дарбар мегирад. Дар ин раванд яке аз нишондодҳо чӣ дар ташкилотҳои маблаггузории хурд ва чӣ миёни қарзгирандагон, нишондоди гендерӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки ки айни замон аз ҳаҷми умумии қарзгирандагони ташкилотҳои маблаггузории хурд 35%-и онро занон ташкил медиҳанд.<br>Мувофиқи ҳисоботи пешниҳодгардидаи бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ дар шаш моҳи соли равон аз ҷониби бонкҳои аъзоёни | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон (10 бонк) ба занони соҳибкор ба маблағи 186,4 миллион сомонӣ қарз пешниҳод карда шудааст. | |

*Замимаи 2*

Варақаи иттилоотӣ
аз 14 октябри соли 2011

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳад, ки доир намудани ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ дар таърихи 8 ноябри соли 2011 ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд:

1. Ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.

**Баромадкунандагон:**

- Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби Оқилов О.Ғ.
- Роҳбари Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон – ҷаноби Раҷабов Ф.
- муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари Ҳамкориҳои Шветсария дар Тоҷикистон – ҷаноби Гюгас Н.

2. Баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ».

**Баромадкунандагон:**

- Роҳбари Маркази ҳамоҳангсозии ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон – ҷаноби Забиров Н.
- директори кулли ҶСШК “Помир Энерҷӣ” – ҷаноби Ҷумаев Д.
- Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ – ҷаноби Миллер К.

3. Тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи комёб гаштан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Баромадкунандагон:**

- Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷаноби Қосимов Қ.Р.
- Роҳбари Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон дар вилояти Хатлон – ҷаноби Неъматов И.
- Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ – ҷаноби Ш. Эрбер.

4. Баррасии яке аз масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи кории ҷаласаи нуҳуми Шӯрои машваратӣ.

Гузориши Котиби масъули Шӯрои машваратӣ – ҷаноби Саидов Д.Ш.

*Замимаи 3*

Варақаи итилоотӣ

аз 1 декабри соли 2011

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо арзи эҳтиром оид ба баъзе натиҷаҳои ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ, ки дар таърихи 8 ноябри соли 2011 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир гардида буд, иттилоъ медиҳад.

Дар қатори мавзӯҳои рӯзномаи ҷаласа аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ масъалаи рушди бозори лизинг дар ҷумҳурӣ ва монеаҳои он пешниҳод карда шуд. Ба ақидаи онҳо низоми мавҷудаи ситонидани андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ ҳангоми воридот ва таҳвили таҷҳизоти технологӣ тавассути лизинг яке аз монеаҳои асосӣ барои рушди бозори хизматрасониҳои лизингӣ дар Тоҷикистон мебошад. Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда танҳо дар ду соли охир дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои лизингӣ ва мутаносибан амалиётҳои лизингӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтанд.

Дар давоми се - чор соли охир масъалаи мазкур борҳо аз ҷониби бахши хусусӣ таъкид шуда бошад ҳам, аммо ҳалли худро пайдо накард.

Таҳлилҳо ва далелҳои дар ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ пешниҳоднамудаи намояндагони бахши хусусиро баррасӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шӯъбаҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш доданд, ки лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшударо оид ба аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизоти технологие, ки тавассути лизинг ворид карда мешаванд, омӯхта ба ҷаласаи навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Дар натиҷа дар ҷаласаи навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи 28 ноябри соли 2011 доир гардид, лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридот ва таҳвили таҷҳизоти технологӣ тавассути лизинг маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Қобили қайд аст, ки тағйиротҳои ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ воридгардида барои рушди бозори амалиётҳои лизингӣ, рушди истеҳсолот ва бо таҷҳизоти технологии муосир ҷиҳозонидани он, васеъ шудани истеҳсолот ва таъмини бозор бо маҳсулоти ватанӣ, афзоиши маҳсулоти содиротӣ ва дар ин замина зиёд гардидани воридоти маблағҳои андоз ба буҷет мусоидат хоҳад намуд.

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ миннатдории худро иброз намуда, барои ҳамкориҳои созанда баҳри боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ умедвор аст.

**Замимаи 4**

Варақаи иттилоотӣ
аз 8 ноябри соли 2011

Имрӯз 8 ноябри соли 2011, дар шаҳри Душанбе, таҳти раёсати Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи ҳаштуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.

Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи ҳаштуми Шӯрои машваратииии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро оғоз намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки солҳои истиқлолияти мамлакат бо шарофати сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорони кишвар як қатор иншоотҳои ҳаётан муҳим аз қабили корхонаҳои саноатӣ, қасрҳои варзишӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти аҳамияти иқтисодию иҷтимоидошта сохта, мавриди истифодаи мардум қарор дода шуд. Меҳнати пурсамари намояндагони бахши хусусии мамлакат аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, як қатор намояндагони соҳибкорони мамлакат ба ифтихори 20-умин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон бо нишону ифтихорномаҳои давлатӣ, қадрдонӣ карда шуданд. Ҳамзамон, Сарвари давлат қайд намуданд, ки баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз равандҳои афзалиятноки таъминкунандаи рушди иқтисодии кишвар, бо инобати таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва афзудани иқтидори содиротӣ, боқӣ мемонад.

Дар ин радиф, татбиқи пурра ва саривақтии қарорҳои Шӯро яке аз самтҳои асосии фаъолияти аъзоёни Шӯрои машваратӣ, мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида, оид ба масъалаи якум гузориши Котиби масъули Шӯро - Саидов Д.Ш. шунида шуд, ки ӯ дар баромадаш нисбати иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои шашум ва ҳафтуми Шӯро ахбороти муфассал манзур намуд. Аз ҷумла қайд гардид, ки қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар маҷмӯъ татбиқ карда шуда бошанд ҳам, то ҳол баъзе масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли мусбии худро пайдо накардаанд.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Президенти мамлакат ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиби масъули Шӯро супориш дода шуд, ки масъалаи ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро таҳти назорати ҷиддӣ гирифта шуда, дар вазорату идораҳои масъул, мунтазам мониторинги ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро гузаронида шавад. Натиҷаҳои мониторинг дар назди Сарвазири мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои пурраю саривақтии қарорҳои Шӯро таъмин карда шавад.

Оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ, Роҳбари Ассосиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон – ҷаноби Раҷабов Ф. суханронӣ намуд. Дар суханронии худ ӯ қайд намуд, ки бо мақсади иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ, аз ҷониби аъзои Шӯро аз ҳисоби бахши хусусӣ оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, қарорҳои Шӯро ва татбиқи онҳо ҳамчун натиҷаҳои ислоҳоти доиргардидаистода корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд.

Инчунин, ҷаноби Раҷабов Ф. қайд намуд, ки лоиҳаи “Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оидба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2014”, ки дар ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва барои рушди яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди ҷумҳурӣ равона карда шудааст.

Дар ҷаласа оид ба иштироки намояндагони бахши хусусӣ дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, “Дар бораи рушди соҳибкории хурду миёна, “Дар бораи истифодаи қаъри замин”, инчунин лоиҳаҳои “Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020” ва “Барномаи ҷолибгардонии соҳаи истифодаи қаъри замин” маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Дар хотимаи баромади худ ҷаноби Раҷабов Ф. ҳавасмандии худро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд намуда, пешниҳод кард, ки низоми ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ вобаста ба такрор нагардидани самтҳои ҳамкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои грантӣ ташкил карда шавад.

Сипас, аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалии дуҷониба, муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари ҳамкориҳои Шветсария дар Тоҷикистон ҷаноби Николас Гюгас баромад намуд. Дар баромади худ ӯ аз номи ҳамаи шарикони рушд қабули қарорро оид ба гузаронидани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ доир карда мешавад, баҳои баланд дод.

Илова ба ин, ҷаноби Гюгас Н. ҳавасмандии шарикони рушдро барои иштирок дар таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қайд намуда, изҳор дошт, ки қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав барои рушди бахши хусусӣ ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Инчунин, дар ҷаласа Намояндаи доимии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон ҷаноби Ҷоҷӣ Токешӣ баромад намуда, ба аҳамияти хоса доштани фаъолияти Шӯрои машваратӣ ҷиҳати ҷорӣ гардидани низоми самараноки муколамаи давлат ва бахши хусусӣ махсусан қайд намуд. Аз ҷониби худ ӯ омодагии Бонки Осиёии Рушдро ҷиҳати идома бахшидани ҳамкориҳои минбаъдаи Бонки Осиёии Рушд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ изҳор намуд.

Масъалаҳои банди якуми рӯзномаи ҷаласаро ҷамъбаст намуда, Президенти мамлакат ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ супориш доданд, ки масъалаи назорати ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро пурзӯр карда шуда, натиҷаҳои мониторинг дар назди Сарвазири мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ таклифҳои аз ҷониби бахши хусусӣ ва шарикони рушд пешниҳодгардидаро қабул намуда, як қатор дастуру супоришҳо доданд, ки дар қарорҳои протоколии ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратӣ инъикос карда шудааст.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа Роҳбари Иттифоқи соҳибкорон ва содироткунандагони Тоҷикистон ҷаноби Забиров Н. баромад намуд. Дар баромади худ ӯ натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид

ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ муаррифӣ намуд, ки бо мақсади таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» омода карда шудааст.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ лоиҳаҳо дар заминаи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ бомуваффақият татбиқ шуда истодаанд. Лоиҳаҳои сохтмони терминалҳои нави фурудгоҳҳои шаҳрҳои Хуҷанду Хоруғ, ҶСШК "Помир энерҷӣ" ва лоиҳаи истихроҷ ва коркарди кони нуқраи "Кони Мансури Калон" ба сифати мисол оварда шуданд.

Дар хотимаи суханронии худ ҷаноби Забиров Н. бори дигар муҳимияти таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" ва баррасӣ намудани онро дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ дар нимаи аввали соли 2012 қайд намуд.

Инчунин ҷиҳати дастгирии таҳияи лоиҳаи қонуни зикргардида директори кулли ҶСШК "Помир энерҷӣ" – ҷаноби Ҷумаев Д. ва Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон – ҷаноби Миллер К. баромад намуданд.

Дар баромади худ ҷаноби Ҷумаев Д. фаъолияти ҶСШК "Помир энерҷӣ"-ро яке аз мисолҳои татбиқи бомуваффақияти механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ намуд.

Оид ба банди сеюми рӯзномаи ҷаласа Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Қ. Қосимов баромад намуд. Дар баромади худ ӯ қайд намуд, ки новобаста аз пешравиҳо дар соҳаи кишоварзӣ, то ҳол деҳқонон бо баъзе мушкилиҳо аз қабили нокифоягии воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо, тухмиҳои баландсифат, техникаи муосир ва қисмҳои эҳтиётии он, ҳолати бади мелиоративии заминҳо ва дигар проблемаҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки барои рушди соҳа монеа эҷод менамоянд. Дар хотимаи баромади худ ҷаноби Қосимов Қ. оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Тоҷикистон ҷиҳати аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо, тухмиҳои баландсифат, нуриҳои минералӣ ва органикӣ таклифҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Барои дастгирии пешниҳодоти зикргардида Роҳбари Ассотсиатсияи агробизнеси Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҷаноби Неъматов И. баромад намуда, ба ҳозирин натиҷаҳои таҳлилро оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи расидан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуд. Таҳлили зикргардида аз ҷониби Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон таҳия гардида, вазъи имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ ва асосҳои ҳуқуқиву иқтисодии озод намудани воридоти нуриҳои минералӣ, тухмӣ ва заҳрхимикатҳоро аз андоз аз арзиши иловашуда инъикос намудаст.

Пешниҳодоти зикргардида аз ҷониби Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷаноби Штефан Эрбер низ дастгирӣ карда шуд. Дар баромади худ ӯ таҷрибаи мусбии кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистонро мисол овард, ки барои воридоти воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ имтиёзҳои андозӣ муқаррар намудаанд ва ин иқдом барои минбаъд рушду нумӯъ намудани соҳаи кишоварзии ин мамлакатҳо мусоидат намудааст.

Сипас, директори Фонди ҷамъиятии "Интернет" ҷаноби Қосимов Р. ва ноиби Президенти Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Шиаою Жао баромад намуда, фикру андешаҳои худро оид ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа иброз намуда, як қатор таклифу пешниҳодот манзур намуданд.

Аз ҷумла, ҷаноби Қосимов Р. дар баромади худ оид ба масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҷҳизоти технологие, ки тавассути лизинг ворид ё хариду фурӯш карда мешаванд, махсус қайд намуд.

Тибқи иттилои ӯ таҳти роҳбарии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии шарикони рушд гурӯҳи корӣ фаъолият намуда, лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Тоҷикистон таҳия карда шуданд. Лоиҳаҳои мазкур аз ҷониби вазорату идораҳои марбута дастгирӣ ёфта, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Дар баромади худ ҷаноби Шиаою Жао аз ҷумла қайд намуд, ки барои рушду густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ, бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ Фонд ё Маркази сармоягузорӣ таъсис дода шуда, лоиҳаҳои дар ин доира амалишаванда аз ҷониби ин мақомот сармоягузорӣ карда шаванд. Ҳамчунин ӯ таъкид намуд, ки хоҷагиҳои кишоварзие, ки аз камбуди воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла, нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо, тухмиҳои хушсифат, техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо танқисӣ мекашанд, бояд аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таклифҳои аз ҷониби Шиаою Жао пешниҳодгардидаро дастгирӣ намуда, қайд намуданд, ки Бонки Осиёи Рушд ва дигар шарикони рушд Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани қариб 70 ҳазор гектар замин, ки айни ҳол дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор доранд, дастгирӣ намояд. Зеро ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо барои рушди бахши воқеии иқтисодиёт, таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъсиси зиёда аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ, мусоидат хоҳад намуд.

Аз рӯи масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро – Давлаталӣ Саидов баромад намуда, нисбат ба яке аз масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи нуҳуми Шӯрои машваратӣ дар мавзӯи таҳияи лоиҳаи «Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ», ахборот дод.

Аз ҷумла қайд гардид, ки ба мақомоти ваколатдори давлатӣ вогузор намудани функсияи мувофиқа намудани санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, мониторинг ва таҳлили санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани варақаи санҷишӣ ва системаи муайян намудани дараҷаи хатарҳо, имконият медиҳанд, ки сарбории буҷети давлатӣ коҳиш ёфта, маблағҳои буҷавӣ ба таври мақсаднок истифода бурда шаванд ё худ амали мақомотҳои санҷишӣ барои доир намудани чорабиниҳои профилактикӣ ва пешгирикунанда равона карда шавад. Дар ин замина, таҳияи лоиҳаи «Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ» мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Президенти мамлакат супориш дода шуд, ки бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, Котиботи Шӯро ва бо дастгирии шарикони рушд лоиҳаи «Тартиби намунавии гузаронидани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ» таҳия карда шуда, ба баррасии ҷаласаҳои навбатии Шӯро пешниҳод карда шавад.

Дар суханронии ҷамъбастии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида баён намуда, як қатор таклифу пешниҳодот манзур намуданд. Махсусан қайд карда шуд, ки мақомоти давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматии худ аз қолабҳои кӯҳна баромада, барои доир намудани ислоҳот

кӯшиш намоянд, ки ба ҷорӣ намудани навовариҳо ва беҳтар гардидани низоми кории мақомоти марбутаи давлатӣ мусоидат менамояд. Аз ҷониби Президенти мамлакат супориш дода шуд, ки ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ роҳбарони бахши иқтисодии Ҳукумати ҷумҳурӣ даъват карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳодоти иштирокчиёни ҷаласаро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дастгирӣ намуданд. Аз ҷумла, таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ", рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ дар роҳи комёб гаштан ба амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ тавассути соддатар намудани расмиёти лизингӣ, инчунин қарорҳои қаблан қабулнамуда дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ зарур шуморида шуданд.

Дар суханронии ҷамъбастии худ Президенти ҷумҳурӣ ба ҳамаи аъзоёни Шӯрои машваратӣ ва меҳмонони даъватшуда барои меҳнати пурмаҳсул ва таваҷҷӯҳи доимиашон ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол изҳори миннатдорӣ намуданд.

***Замимаи 5***

Варақаи иттилоотӣ
аз 10 апрели соли 2012

Имрӯз 10 апрели соли 2012, дар шаҳри Душанбе, таҳти раёсати Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи нӯҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.

Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи нуҳуми Шӯрои машваратиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро оғоз намуда, Роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиев Завқиҷон ва аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ Акбаров Фарҳодҷон - Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Ҷумаев Далер - Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Помир Энерҷӣ», Тюряева Маъсуда - Роҳбари Иттифоқи ассосиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ Ругин Геннадий - Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «НБО Сангтуда-1»-ро ба ҳозирин муаррифӣ намуданд.

Оид ба масъалаи якум гузориши Котиби масъули Шӯро - Давлаталӣ Саидов шунида шуд, ки ӯ дар баромадаш нисбати иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои ҳафтум ва ҳаштуми Шӯро ахбороти муфассал манзур намуд. Қайд гардид, ки қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар маҷмӯъ татбиқ шудааст. Аз ҷумла, нисбати аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани амалиётҳои лизингӣ дар ҷумҳурӣ, бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъқул дониста шуда, аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Ҳамзамон ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи истифодаи қаъри замин» ва лоиҳаи «Барномаи беҳтаргардонии ҷолибнокии сармоягузории соҳаи истифодаи қаъри замин» дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ гурӯҳҳои корӣ фаъолият намуда истодаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар ҷаласа мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав буд. Вобаста ба масъалаи мазкур, ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, Вазири молияи ҷумҳурӣ Сафаралӣ Наҷмуддинов шунида шуд. Ӯ аз ҷумла қайд намуд, ки барои таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар назди Вазорати молия гурӯҳи корӣ аз ҳисоби вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ фаъолият намуда, лоиҳаи Кодекс ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар музокирот вобаста ба масъалаи мазкур намояндагони бахши хусусӣ Роҳбари Иттифоқи соҳибкорон ва содироткунандагон – ҷаноби Забиров Н. ва директори кулли ҶДММ “Ёқут-2000” Қодиров А. баромад намуда, изҳори нигаронӣ карданд, ки таклифу пешниҳодоти онҳо, аз ҷумла оид ба содда ва оммафаҳм намудани лоиҳаи Кодекс, паст кардани меъёри андозҳо ва бекор кардани баъзе намудҳои онҳо ва дигар пешниҳодот дар лоиҳаи Кодекси андоз ба таври лозимӣ ба инобат гирифта нашудаанд.

Ҳамчунин аз назари соҳибкорон дар лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз масъалаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор низ ба таври шаффоф инъикос нагардида, ба кормандони мақомоти андоз ҳуқуқҳои аз ҳад зиёд пешниҳод шудааст. Дар ин замина, яке аз зуҳуроти манфие, ки дар ҷомеаи мо вуҷуд дорад, фасод мебошад ва мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки ҷиҳати аз байн бурдани фасод мусоидат намоянд.

Вобаста ба ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки мақсади асосии Кодекси андоз албатта фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат мебошад. Ҳарчанд дар лоиҳаи нави Кодекс кам гардидани шумораи умумии андозҳо ба назар гирифта шуда бошад ҳам, вале аз назари бахши хусусӣ дар маҷмӯъ лоиҳаи Кодекси пешниҳодшуда барои андозсупорандагон мураккаб боқӣ мондааст, ки ин ба ҳадафҳои ислоҳоти пешниҳодгардида ҷавобгӯ нест.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ таъкид гардид, ки воридшавии маблағҳоро ба буҷети давлатӣ на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, яъне соҳибкорон, васеъ кардани сарчашмаҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ, таъмини сатҳи баланди иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ зиёд кардан лозим аст. Мувофиқан коҳиш додани хароҷоти чорабиниҳои каммаҳсул дар буҷети давлатӣ низ ба манфиати кор аст. Инчунин зарур аст, ки манбаҳои пӯшонидани қисми эҳтимолии камомади буҷети давлатӣ бинобар сабаби амалӣ намудани ислоҳоти низоми андозбандӣ муайян карда шаванд.

Вобаста ба ин, Кодекси нав бояд фишанги муосири ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии бахши воқеии иқтисодиётро дар худ таҷассум намояд. Дар як вақт, низоми андозбандӣ бояд чунин ба роҳ монда шавад, ки аз як тараф давлат ва ҷомеаро бо захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз ҷониби дигар ташаббусҳои фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд намояд.

Аз ин рӯ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз дар таҳрири нав боназардошти фикру мулоҳизаҳои намояндагони бахши хусусӣ, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон такмил дода шавад.

Инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.

Дар рафти ҷаласа қайд гардид, ки имрӯзҳо ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ тақвият бахшида шуда, дар ин замина дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис дода шудаанд.

Вобаста ба ин, дар ҷаласа гузориши Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон ҷаноби Ғайбулло Афзалов оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ шунида шуд. Ӯ дар баромадаш аз ҷумла қайд намуд, ки солҳои охир барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоят таъсис дода шуда, дар соли 2011 се ҷаласаи он гузаронида шуд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда истодааст. Дар соли 2011 дар қаламрави вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ қариб 50 корхонаи нави саноатӣ бунёд гардид. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди истифодаи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондааст. Ҳалли мушкилоте, ки имрӯз дар вилоят барои рушди фаъолнокии иқтисодӣ монеа эҷод менамоянд, бояд вазифаи аввалиндараҷаи Шӯрои назди Раиси вилоят гардад.

Дар интиҳои ҷаласа, суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шунида шуда, ба масъулин ва вазорату идораҳои марбута супоришҳои дахлдор дода шуд.

*Замимаи 6*

**Стратегияи**
**пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои давраи миёнамӯҳлат**

## 1. Муқаррароти умумӣ

Стратегияи мазкур барои пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (минбаъд Котибот) барои давраи миёнамӯҳлат таҳия карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки барои фаъолияти пурсамари Шӯрои мавшаратӣ (минбаъд Шӯро) ва Котиботи он, инчунин доир намудани ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ монеаҳо эҷод намуда истодаанд.

Татбиқи пурраи Стратегия яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Котибот дар давраи миёнамӯҳлат ба ҳисоб меравад.

## 2. Мақсад

Мақсади асосии Стратегияи мазкур аз инҳо иборат мебошад:

- табдил додани Котибот ба мусоидаткунандаи воқеии ҳалли мушкилоти бахши хусусӣ;
- пурзӯр намудани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ;
- табдил додани Шӯро ба сохтори пурмаҳсули қарорқабулкунанда.

## 3. Самтҳои афзалиятнок

Самтҳои афзалиятноке, ки барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ қайд карда мешаванд, аз муроҷиати соҳибкорон ва мушоҳидаҳои амалӣ бармеоянд ва беҳтар намудани вазъ дар ин бахшҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад:

*Барои давраи кӯтоҳмуддат (як сол):*

- содда намудани низоми андозситонӣ;
- аз байн бурдани санҷишҳои беасос ва ғайриқонунӣ;
- пурзӯр намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- ҷамъоварӣ намудани натиҷаҳои корҳои таҳлилӣ-тадқиқотӣ оид ба мушкилоти бахши хусусӣ;
- таҳияи таҳлили амиқи вазъи кунунии фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ.

*Барои давраи миёнамӯҳлат (то се сол):*

- мусоидат намудан ба дастрасии қарзҳои дарозмуддат бо фоизҳои паст барои рушди истеҳсолот;
- костагардонии омилҳои коррупсионӣ;
- омӯзиши фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатие, ки функсияи мақомоти давлатиро такрор мекунанд;
- беҳтар намудани иқтидори кадрию техникии бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ;
- таҳия намудани нишондиҳандаҳои асосии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо бахшҳои давлатию хусусӣ ва ҷалби шарикони рушд (масъалаҳое, ки беҳтар намудани фазои сармоягузориро дар бар мегиранд).

Бо назардошти тағйир ёфтани вазъи иқтисодӣ ва пайдо гардидани дигар масъалаҳои муҳим, имкон аст, ки афзалиятҳои зикргардида тағйир дода шаванд.

## 4. Пурзӯр намудани фаъолияти Шӯро ва Котибот

Барои ноил шудан ба мақсадҳои Стратегияи мазкур чораҳои зерин аз ҷониби Котибот ва шарикон татбиқ карда мешаванд:

- омода намудани мавзӯҳои ҳадди ақал ду ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро дар ҳамкорӣ бо шарикон;
- андешидани чораҳо вобаста ба таҳия намудани тартиби нави баргузор намудани ҷаласаҳои Шӯро. Дар мизи мудаввар Раис, Котиби масъули Шӯро, Роҳбари Котибот ва аъзоёни дигари Шӯро ҷойгир мешаванд. Дар қатори дуюм кормандони Котибот ва боқимонда иштирокчиён дар қаторҳои минбаъда ҷой дода мешаванд. Дар ин замина, фазои муколамаи озод муҳайё гардида, бар ивази баромадхониҳои тӯлонӣ муколамаҳои озоду кӯтоҳ ҷорӣ мегарданд;
- ҷалби маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (минбаъд БАТР) ва ба роҳ мондани низоми устувори молиявӣ барои маблағгузории маводҳои таҳлилии ҷаласаҳои Шӯро;
- беҳтар намудани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро;
- иштирок дар барномаҳои телевизионӣ, мусоҳибаҳо, таҳияи маводҳо барои васоити ахбори оммаи электронӣ ва даврӣ оид ба фаъолияти Шӯро ва ҷараёни ислоҳот;
- омода намудани сомонаи интернетии Шӯро бо забони давлатӣ;
- ба таври доимӣ таҷдид намудани сомонаи интернетии Шӯро ва пешбурди он;
- доир намудани мониторинги ворид гардидани истифодабарандагон ба сомонаи интернетии Шӯро ва баланд бардоштани фаъолнокии он;
- ба таври мунтазам доир намудани мизҳои мудаввар ва семинарҳо (нақшаи корӣ таҳия карда мешавад);
- таъмин намудани иштироки Котибот дар муҳокимаи лоиҳаи нави Кодекси андоз;
- беҳтар намудани эътимоднокии шарикон ба Котибот.
- беҳтар кардани идораи кадрии Котибот;
- беҳтар кардани корҳои иттилоотию коммуникатсионии Котибот;
- пурзӯр кардани лаёқати банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии кормандон;
- дар саҳифаи интернетӣ дастрас гардонидани вазифаҳои техникии кормандони Котибот;
- такмил додани мақоми ҳуқуқии Котибот;
- ҳалли масъалаҳои таъмини манфиатҳои иҷтимоӣ ва хизматии кормандон аз ҷониби БАТР;
- мустаҳкам кардани иқтидори кадрӣ, техникӣ ва мустақилии Котибот (тағйир додани сохтори кадрӣ, барқарор кардани вазифаи ёрдамчӣ, барномасоз, таъмини автомашинаи хидматӣ ва ронанда). Зеро айни замон, корҳои техникӣ, маъмурӣ ва ташкилӣ вақти мутахасисони асосиро беҳуда мегиранд. Масалан, коргузорӣ, ташкили ҷаласаҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо;
- тақвият бахшидани масъалаҳои расонидани кӯмакҳои техникӣ аз ҷониби шарикони рушд барои самаранокии фаъолияти Котибот (рӯйхат замима мегардад);

- иштироки кормандони Котибот дар сафарҳои омӯзишӣ ва шиносоӣ бо мақсади табодули таҷриба оид ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва дигар ҷанбаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишварҳои хориҷӣ;
- ҷалби коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ барои такмили ихтисоси кормандони Котибот;
- ба мувофиқа расидан бо сомонаҳои маҳаллии хабарӣ ва дигар сомонаҳои бонуфуз оид ба ташкили лавҳаҳои иттилоотӣ дар сомонаҳои онҳо;
- дар давраи дарозмуддат тадриҷан ҷалб намудани дастгирии молиявию техникии Котибот аз ҷониби бахши хусусӣ;
- ташкил кардани баҳогузории мустақили фаъолияти Котибот.

### 5. Таҳкими ҳамкориҳо бо шарикон

Таҳкими ҳамкориҳо бо намояндагони бахшҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд дар самтҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

- васеъ намудани шарикон аз ҳисоби ҷалби соҳибкорони алоҳида, вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ва донорҳои ғайрианъанавӣ;
- ташкил ва гузаронидани вохӯриҳои мунтазам бо шарикон;
- мусоидат намудан ба беҳтар намудани ҳамкориҳои шарикони рушд бо бахши хусусӣ ва дар ин замина пурзӯр кардани иқтидори бахши хусусӣ аз ҷониби шарикони рушд;
- фаъол намудани иштироки намояндагони шарикон дар ҷаласаҳои Шӯро;
- ҷалби бештари намояндагони бахши хусусӣ барои омода намудани масъалаҳое, ки дар ҷаласаҳои Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд (аз пешниҳоди масъала сар карда то доир намудани таҳлилҳои иқтисодӣ);
- иштироки доимии намояндагони Котибот дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби шарикон доир карда мешаванд;
- иштироки ҳатмии Роҳбари Котибот дар ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд;
- таҷдиди назар намудани ҷараёни интихоби мавзӯҳо барои ҷаласаҳои Шӯро бо мақсади муайян намудани афзалиятҳо ва рӯзмарра будани масъалаҳо;
- пурзӯр кардани дастгирии техникии гурӯҳҳои корӣ аз ҷониби шарикони рушд;
- ба таври васеъ ҷалб намудани машваратчиёни маҳаллӣ аз ҷониби шарикони рушд;
- бо кӯмаки шарикони рушд ташкил намудани семинарҳои омӯзишӣ оид ба иқтисоди бозорӣ (мавзӯҳои асосӣ бо назари бахши хусусӣ омода карда мешаванд);
- мониторинги фаъолияти шарикон вобаста ба иҷрои бандҳои протоколҳои ҷаласаҳои Шӯро;
- баланд бардоштани масъулияти аъзоёни Шӯро аз ҷониби бахши хусусӣ ва шарикони рушд вобаста ба фаъолияти Шӯро ва татбиқи қарорҳои он;
- татбиқи пурраи муқаррароти Низомномаи Шӯро вобаста ба ҷараёни интихоби намояндагони бахши хусусӣ ба узвияти Шӯро;
- амалӣ намудани корҳои доимӣ ҷиҳати омода намудани бахши хусусӣ барои иштирок дар ҷаласаҳои Шӯро ва таъмини муколамаи озод;
- ташкил кардани клуби инноватсионӣ (пешкаш кардани таърихи пешбиниҳои муваффақшуда аз ҷониби бахши хусусӣ).

## 6. Устувор намудани ҳамкориҳои Котибот бо шӯроҳои минтақавӣ

Ҷиҳати пурзӯр намудани ҳамкориҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо шӯроҳои минтақавӣ корҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- ташкил кардани механизми ягонаи умумимиллии шӯроҳои машваратӣ бо сабабҳои зерин: а) мустақилияти шӯроҳои минтақавӣ таъмин мегардад; б) алоқамандӣ ва ҳамоҳангсозии шӯроҳои минтақавӣ бо Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар сатҳи лозимӣ барқарор мегардад; в) ҳолатҳои умумияти мушкилот барои шаҳри Душанбе ва ҳам барои минтақаҳои ҷумҳурӣ вуҷуд доранд; г) масъулиятнокии мақомоти иҷроияи давлатӣ дар минтақаҳо оид ба татбиқи ислоҳотҳо баланд мешавад; д) самаранокии фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ беҳтар мегардад.
- иштироки намояндаи Котибот дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ;
- дастрас намудани иттилоот оид ба фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ;
- ҷойгир намудани суроғаҳои иртиботии шӯроҳои минтақавӣ дар сомонаи интернетии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;
- мусоидат ба таъсиси Шӯрои минтақавӣ дар ноҳияҳои тобеи марказ (водии Рашт);
- доир намудани вохӯриҳо бо намояндагони шӯроҳои минтақавӣ оид ба табодули таҷриба.

## 7. Таввакалҳо (рискҳо)

*Таввакали сиёсӣ:*

Татбиқи Стратегияи мазкур бо сабабҳои сиёсӣ, масалан дастгирии сиёсӣ наёфтани масъалаҳои пешниҳодшаванда, метавонад пурра амалӣ нагардад. Ҷиҳати паст кардани таввакалнокии номбурда бо ҷонибҳои дахлдор корҳои фаҳмондадиҳӣ ва асосноккунии масъалаҳо пайваста пеш бурда мешаванд. Бо мақомоти давлатӣ, ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси моликиятдории онҳо корҳои зарурӣ аз ҷониби Котибот ва шарикони рушд анҷом дода мешаванд.

*Таввакали молиявӣ ва техникӣ:*

Татбиқи Стратегияи мазкур бо сабабҳои молиявӣ ва техникӣ, масалан нокифоягии дастгирии молиявӣ ва техникӣ аз ҷониби шарикони рушд, метавонад пурра амалӣ нагардад. Ҷиҳати паст кардани таввакалнокии мазкур тасмими шарикони рушд оид ба расонидани дастгириҳои молиявӣ ва техникӣ тибқи руйхат пешакӣ гирифта мешавад.